**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС
ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

**УДК: 347.61 (575.3)**
**ББК: 67.99 (2) 4 (2Т)**
**Р-79**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**РОФИЕВА АЗИЗА ҲАМДАМОВНА**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ СОҲИБКОРИИ ОИЛАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

**Душанбе – 2023**

**Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро гардидааст**

**Роҳбари илмӣ:** **Сангинзод Дониёр Шомаҳмад** – муовини Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба корҳои илмӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Муқарризони расмӣ:** **Исмоилов Шавкат Маҳмудович** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикорупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Раупова Манзура Турсуновна** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия “04” июли соли 2023 соати 10.00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шӯрои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ) баргузор мегардад.

Бо мазмуни диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) метавон шинос шуд.

Автореферат «____» ___________ соли 2023 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **А.Қ. Назаров**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Бо дарки муҳимияти падидаи оила дар ташаккул ва пешрафти давлат ва ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар сатҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи кафолати ҳимояи давлатии оила ҳамчун асоси ҷамъият ва амалишавии ҳуқуқи ҳар шахс ба ташкили оила қувваи конститутсионӣ касб намуд. Дар радифи ин меъёри конститутсионӣ аз солҳои ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, таҳкими заминаҳои ташаккули оила ва дастгирии оилаҳо бо дарназардошти арзишҳои фарҳанги миллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ эътироф шуда, аз ҷониби давлату Ҳукумати кишвар дар ин самт корҳои муайяне анҷом дода шуданд. Мақсади асосии таҳкими заминаҳои иҷтимоию иқтисодии оила таъмини болоравии сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии ҳар як оила дар асоси шуғли доимӣ, ташкили фаъолияти соҳибкории оилавӣ, бозомӯзии касбӣ ва иштироки фаъолона дар рушди ҳамаи соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад. Баҳри рушди устувори иқтисодию иҷтимоии оилаҳо андешидани чораҳои зерин зарур мебошад: таъмини шуғли доимии аъзои оила; баланд бардоштани сатҳи даромаднокии оила аз ҳисоби тақвияти нерӯи зеҳнии аъзои оила; рушди соҳибкории оилавӣ ва тиҷорати оилавӣ; ба роҳ мондани тарбияи меҳнатӣ ва ахлоқии насли ҷавон ва баланд бардоштани вазифаи тарбиявии оила; ташкили курсҳои касбомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ[1].

Дар суханронии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи модар санаи 7-уми марти соли 2017 зикр намуданд, ки: “Шумораи соҳибкорон аз ҳисоби занон беш аз 138 ҳазор нафар буда, сарварии 20 ҳазору 500 хоҷагии деҳқониро занон ба уҳда доранд. Бо мақсади мусоидат ба рушди фаъолияти соҳибкории занон Қарори Ҳукумати мамлакат “Дар бораи таъсис ва ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2016-2020” қабул шудааст. Дар ин асос тайи се сол тавассути сохторҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ қариб ба 6000 нафар занон дар ҳаҷми 18 миллион сомонӣ ёрии молиявӣ пардохта шудааст. Бо вуҷуди ин, қисми зиёди занону духтарон ҳоло ҳам соҳиби касбу кор ва шуғли муайян набуда, ба захираҳои иҷтимоӣ, маънавӣ ва моддӣ кам дастрасӣ доранд. Барои ислоҳи чунин вазъият моро зарур аст, ки ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳии кадбонуҳо ва модарону хоҳарон тадбирҳои иловагӣ андешем, дар маҳалҳо соҳибкории хонаводагӣ ва соҳибкоронеро, ки дар ин самт фаъолият доранд, дастгирӣ карда, ҷалби духтарону бонувонро ба омӯзиши касбу ҳунар, аз ҷумла ҳунарҳои дастӣ ва дигар навъҳои косибӣ ҳарчи бештар вусъат диҳем. Ҳукумат дар сиёсати худ ба ҳалли масъалаҳои зикршуда минбаъд

[1] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, № 801 "Дар бораи Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.08.2021 с.).

низ эътибори ҷиддӣ дода, ташаббусҳои созандаи бонувону духтарони соҳибкору ҳунарманд, бомаърифату ватандӯст ва худогоҳу худшиносро, ки пояҳои давлатдории миллиамонро таҳким мебахшанд, дастгирӣ менамояд”[2].

Таҷрибаи рушди кишварҳое, ки дар ислоҳоти бозории иқтисодиёт ва таъмини сатҳи баланди даромади аҳолӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардидаанд, нишон медиҳад, ки соҳибкории хусусӣ на танҳо дар таъмини шуғли аҳолӣ, балки дар ташкили омилҳои устувор, тараққиёти ичтимоию иқтисодӣ низ нақши рӯзафзун мебозад. Дар ҷаҳони муосир қисми зиёди соҳибкории хурдро соҳибкории оилавӣ ташкил медиҳад. Афзалиятҳои иҷтимоию иқтисодии ин самти соҳибкорӣ самаранокии баланди фаъолияти субъектҳои он ва дарозмуддати будани динамизми тараққиётро муайян менамоянд. Дар як қатор давлатҳои хориҷа ассотсиатсияҳои махсусе мавҷуданд, ки дар соҳаи ташкили соҳибкории оилавӣ тадқиқот мегузаронанд, манфиатҳои онҳоро ҳимоя мекунанд ва барои мубодилаи таҷриба дар фаъолияти соҳибкории оилавӣ майдонҳои мубоҳиса пешниҳод мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки аҳолӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ фаъолона ҷалб карда шавад, анъанаҳои соҳибкории оилавӣ инкишоф дода шуда, сулолаҳои соҳибкории оилавӣ ташаккул дода шаванд. Яъне соҳибкории оилавӣ на танҳо муҳити мӯътадили иҷтимоию иқтисодиро дар ҷомеа таъмин менамояд, балки муҳити соҳибкорӣ ва ояндабиниро низ ташаккул медиҳад.

Намунаи равшантарини муваффақияти молиявии соҳибкории оилавӣ империяҳои тиҷоратии Ротшилдҳо ва Рокфеллерҳо мебошад. Ҳамин тариқ, сарвати умумии бонкдорони Ротшилд мувофиқи ҳисобҳои консервативии коршиносон 3,2 триллион долларро ташкил медиҳад, гарчанде ки ҳеҷ кас наметавонад рақами дақиқро номбар кунад. Муаррихон мегӯянд сарвати дигари сулолаи машҳури ҷаҳон Рокфеллер тақрибан як триллион камтар аст (2,2 триллион доллар)[3].

Дар шароити муосири ҷомеаи индустриалӣ ва постиндустриалӣ соҳибкории оилавӣ ҷойҳоеро ишғол мекунанд, ки муталлиқи соҳибкори миёна ва калон намебошад. Инҳо савдои хурди яклухт ва чакана, хизматрасонии маишӣ (ҷомашӯӣ, ателье, сартарошхонаҳо, дӯзандагӣ ва таъмири техникаи рӯзгор, либосу пойафзол ва ғайра), тиҷорати хурди тарабхона, хизматрасонии нақлиётӣ ба аҳолӣ (кашонидани мебел), кирояи асбобу анҷоми маданию маишӣ ва рузгор, таъмири ҷузъӣ ва сохтмони манзил, гаражҳо, биноҳои хизмати маишӣ ва маданӣ, ҳисоби бухгалтерӣ ва аудит, ҳунармандӣ, кишоварзӣ ва ғайра мебошанд[4].

Соҳибкории оилавӣ сарфи назар аз миқёси фаъолият, шакли ташкилию ҳуқуқӣ, фаъолияти истеҳсолӣ, дараҷаи тараққиёти иҷтимоию сиёсӣ ва рушди

---

[2] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи модар аз 07.03.2017 с. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // http://prezident.tj/node/14719 (санаи муроҷиат: 06.08.2021 с.).

[3] Каримова А. Плюсы и минусы семейного бизнеса[Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL // https: //kontur.ru/articles/579. (санаи муроҷиат: 06.08.2021 с.).

[4] Семейное предпринимательство: международный опыт и перспективы развития в Республике Беларусь. – Минск, 2021. – С. 9.

бозорӣ асоси ҳаёти корпоративии ҳамаи мамлакатҳо буд ва дар айни ҳол асоси тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ боқӣ мемонданд. Таърихан ширкатҳои оилавӣ дар аксар маврид институтҳои устувор буданд. Муҳимияти онҳо монанди пешрафтҳои иҷтимоию фарҳангӣ, технологӣ ва тартиботи нави бозор бо назардошти ҷаҳонишавӣ мебошад[5].

Дар айни ҳол қонунгузории давлатҳои танзимкунандаи соҳибкории оилавиро дар доираи кишварҳои пасошӯравӣ ба гурӯҳҳои зеринро ҷудо намудан мункин аст: 1) қонунгузорӣ, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳидаро дар бар мегирад, ки соҳибкории оилавиро қонунӣ мегардонанд ва барномаҳои давлатии дастгирии онҳо ҷой дорад (Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Приднестроии Молдавия); 2) қонунгузорӣ, ки асосҳои вазъи ҳуқуқии соҳибкории оилавиро муайян мекунад (Латвия, Арманистон); 3) қонунгузорӣ, ки дар он санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳидаи танзим ва пешбурди соҳибкории оилави мавҷуд нестанд, вале мафҳумҳои соҳибкории оилавӣ ё корхонаи оилавиро бо қонунҳои махсус дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ муайян мекунанд (Озарбойҷон, Белоруссия, Қазоқистон); 4) қонунгузорӣ, ки дар он ҷанбаи соҳибкорӣ дар қонунҳои махсус дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (Тоҷикистон, Қирғизистон, Украина, Россия ва дигар давлатҳо) инъикос ёфтааст[6].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин самти соҳибкорӣ дар асоси қонунгузорӣ мушаххас муқаррар нашудааст ва ба таври дахлдор ба рушд намудани он мусоидат наменамояд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" аз 15 марти соли 2016, № 1289 ибораи “соҳибкории оилавӣ” ва ё “хоҷагии оилавӣ” умуман ҷой надорад. Дар моддаи 1 ин Қонун омадааст: хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) (минбаъд - хоҷагии деҳонӣ) субъекти соҳибкорӣ, ки дар он истеҳсол, нигоҳдорӣ, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба фаъолияти шахсии як нафар ё фаъолияти якҷояи гурӯҳи шахсони воқеӣ дар қитъаи замин ва молу мулки ба онҳо тааллуқдошта асос ёфтааст[7]. Дар таносуб аз қонуни амалкунанда Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, № 526 "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" (соли 2016 аз эътибор соқит дониста шуд) манфиатҳои оиларо ҳифз менамуд. Аз ҷумла дар моддаи 1 ин Қонун мукаррар шуда буд, ки хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) (минбаъд - хоҷагии деҳқонӣ) субъекти хоҷагидории мустақилест, ки фаъолияти он ҳамчун соҳибкор ба меҳнати шахсии як нафар, аъзои як оила ё гурӯҳи шахсон асос ёфта, заминаи онро қитъаи замин ва дигар молу мулки ба аъзои он тааллуқдошта ташкил

[5] Handbook of research on family business/edited by Panikkos Zata Poutziouris, Kosmas X. Smyrnios, Sabine B. Klein. – 2006. – P. 1.

[6] Барков А.В., Баркова Л.А. Совершенствование правовой модели семейного предпринимательства в России с учетом зарубежного правового опыта // В сборнике: Актуальные проблемы развития гражданского права и процесса на современном этапе. Материалы II Всероссийской научно-практической конференции. Краснодарский университет МВД России. – Красноярск, 2015. – С. 46-47.

[7] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" аз 15 марти соли 2016, № 1289// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 06.08.2021 с.).

медиҳанд. Хоҷагии деҳқониро метавонанд як шахс, як оила ё гурӯҳи шахсон ташкил диҳанд (м.3). Хоҷагии деҳқонии оилавӣ - хоҷагии деҳқоние, ки дар он фаъолияти меҳнатӣ дар шакли соҳибкории оилавӣ дар заминаи моликияти якҷоя асос ёфтааст (м.5). Сардори хоҷагии деҳқонии оилавӣ аз ҷониби аъзои оила интихоб карда мешавад (м.12). Узви хоҷагии деҳқонии фардӣ ва аъзои хоҷагии деҳқонии оилавӣ метавонанд мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи молу мулки хоҷагӣ ширкати хоҷагидорӣ ва ё кооперативи истеҳсолии (кишоварзии) дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ таъсис диҳанд (м.14)[8]. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" аз 26 июли соли 2014, № 1107 ибораи “соҳибкории оилавӣ” ҳато пешбинӣ нагардидааст[9]. Дар шароити имрӯза реҷаҳои махсуси танзими ҳуқуқии  соҳибкории оилавӣ суст инкишоф ёфтаанд ва оид ба дастгирии соҳибкорони оилавӣ ташаббусҳо нокифоянд. Механизмҳои маблағгузории соҳибкории оилавӣ вуҷуд надоранд, сарчашмаҳои маблағгузории стартапҳо маҳдуд мебошанд, системаҳои махсуси андозӣ, инчунин барномаҳои дастгирии соҳибкории оилавӣ дар асоси технологияи баланд вуҷуд надоранд.

Бар муқобили нуқсони қонунгузорӣ дар ин самт дар амалияи Тоҷикистон бошад соҳибкории оилавӣ ҷой дорад.  Ин навъи соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ҳамагӣ 20 сол пеш маъмул шуд. Соҳибкории оилавӣ имрӯз, шояд дар ҳама ҷо ва барои ҳама дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз намояндагони қишрҳои болоии ҷомеа то шаҳрвандони оддӣ рушд мекунад[10].

Дар тафовут аз Тоҷикистон дар ҷумҳурии ҳамсоя Ӯзбекистон дар соли 2022 барои барномаи дастгирии соҳибкории оилавӣ, омӯзиши касбии бекорон ва ҷавонон, татбиқи лоиҳаҳо дар бахши хизматрасонӣ ҳокимияти Ӯзбекистон 13 трлн сум ($1,2 миллиард) равона менамояд. Бонкҳо қарзҳои имтиёзнок бо меъёри 7% барои машғул шудан дар хоҷагии қишлоқ дар заминҳои наздиҳавлигӣ пешниҳод менамоянд. Ба касоне, ки ба соҳибкории оилавӣ мехоҳанд машғул шаванд қарз ба муҳлати 3 сол бо назардошти муҳлати имтиёз аз 3 то 6 моҳ 14% солона дода мешавад. Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии омор то санаи 1 январи соли 2021 дар Ӯзбекистон 45954 корхонаҳои оилавӣ бақайдгирифташуда, аз онҳо ба 43122 амалкунанда мебошанд[11].

Аз ин рӯ, ба сомон расонидани таҳқиқоти комплексии диссертатсионӣ оид ба танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Тоҷикистон саривақтӣ ва мубрам мебошад.

---

[8] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" аз 19 майи соли 2009, № 526 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №5, мод.333.

[9] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" аз 26 июли соли 2014, № 1107// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2014, №7, қ.2, мод. 404.

[10] Новый уровень семейного бизнеса // Подробнее: [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20150810/novyi-uroven-semeinogo-biznesa-konkurs-blogerov-zhivoi-tekst. (санаи муроҷиат: 06.08.2021 с.).

[11] Семейный бизнес в Узбекистане поддержат льготными кредитами // Подробнее: [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: https://asiaplustj.info/ru/news/centralasia/20211222/semeinii-biznes-v-uzbekistane-podderzhat-lgotnimi-kreditami. (санаи муроҷиат: 22.12.2021 с.).

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар давраи муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҶТ) тадқиқи мавзӯи танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ яке аз масъалаҳои асосии ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ мебошад. Масъалаи мазкур қисман дар корҳои чунин олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ ба монанди А.В. Золотухин[12], Ш.М. Исмоилов[13], М.А. Маҳмудзода[14], Ф.А. Маҳмадшозода[15], Ҷ.С. Муртазозода[16], М.З. Раҳимзода[17], Б.О. Самадов[18], Д.Ш. Сангинзод[19], Ҳ.Н. Ҳиматов[20], И.М. Шарифов[21] тадқиқ шудааст.

Дар хориҷа баъзе аз ҷанбаҳои танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ аз ҷониби олимони зерин тадқиқ шудааст: Л.А Баркова[22], Д.А. Волков[23], Т.Ю. Назарова[24].

Ба ин нигоҳ накарда, тадқиқоти комплексии илмӣ вобаста ба масъалаи мазкур дар ҶТ то ҳол гузаронида нашудааст ва дар робита бо ин зарурати гуза-

---

[12] Золотухин А.В., Султонова Т.И. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебник. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 596 с.

[13] Исмаилов Ш.М. Сборник избраных статьей. – Душанбе: Изд-во: «Полиграф Групп», 2021. – 632 с.

[14] Маҳмудзода М.А. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ (маҷмӯи мақолаю маърӯзаҳо). – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 632 с.; Маҳмудзода М.А. Танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ дар муносибатҳои оилавӣ // Қонунгузорӣ. – 2018. – №4 (32). – С. 19-23.

[15] Махмадшоев Ф.А. Правовое обеспечение индивидуального предпринимательства в Республике Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2012. – 201 с.

[16] Муртазакулов Дж.С. Дехканское (фермерское) хозяйство как организационно-правовая форма предпринимательской деятельности // Государство и право. – Душанбе. – 2011. – №4. – С. 5-16.; Муртазакулов Дж.С. Гражданско-правовые проблемы дехканского хозяйства (по материалам Республики Таджикистан). – Душанбе: Деваштич, 2002. – 206 с.

[17] Рахимов М.З. Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 638 с.; Раҳимзода М. З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография. – Душанбе, 2018. – 392 с.; Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. – Душанбе: Дониш, 2019. – 557 с.

[18] Самадов Б.О. Правовой режим индивидуальной предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан и в Российской Федерации: сравнительно-правовой анализ: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2010. – 213 с.

[19] Сангинов Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебное пособие. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 600 с.; Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия): воситаи таълимӣ . – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 500 с.; Сангинов Д.Ш., Мирзоев П.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ . – Душанбе: Андалеб-Р., 2015. – 500 с.; Сангинов Д.Ш. Предпринимательская деятельность по оказанию социально-культурных услуг: проблемы правового регулирования. Монография. – Душанбе: Мехрона - 2017, 2019. – 424 с.

[20] Химатов Х.Н. Проблемы правового регулирования имущественных отношений супругов : по материалам Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук: – Душанбе, 2008. – 194 с.

[21] Шарифов И.М. Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020. – 162 с.

[22] Баркова Л.А. Семейное предпринимательство в механизме правового обеспечения гармонизации интересов семьи: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2015. – 189 с.

[23] Волков Д.А. Особенности организации и управления семейным предпринимательством в условиях России: дис. ... д-ра эконом. наук. – Москва, 2016. – 314 с.

[24] Назарова Т.Ю. Семейное предпринимательство в Российской Федерации: направления развития: дис. ... канд. эконом. наук. – Тамбов, 2008. – 149 с.

ронидани таҳлили ҳаматарафаи илмии танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар ҶТ ҷой дорад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ**. Диссертатсия дар чорчӯбаи кори илмию тадқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (дар мавзӯи «Таъминоти ҳуқуқии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон») барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 иҷро карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Ба мубрамияти мавзӯи тадқиқшаванда такя намуда, ворид намудани донишҳои нав, ки дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ коркард шудааст, мақсади асосии тадқиқотро ифода мекунад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Вобаста аз мақсади гузошташуда, вазифаи таҳқиқот инҳо мебошанд:

- таҳлилу барасии табияти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун самти соҳибкорӣ;
- муайян намудани низоми воситаҳои ҳуқуқии таъминкунадаи рушди соҳибкории оилавӣ;
- таҳлили муқоисавии ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар давлатҳои хориҷа;
- тадқиқи ҷанбаҳои ҳуқуқии рушди соҳибкории оилавӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ;
-омузиши заминаҳоии ҳуқуқии ташкил ва пешбурди фаъолияти соҳибкории оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ;
- муайян намудани мушкилоти ҳуқуқии пешбурди соҳибкории оилавӣ дар соҳаҳои дигари хоҷагии халқ;
- коркарди пешниҳодҳо барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар бахши мазкур.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки масъалаҳои муҳими танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавиро фаро мегирад.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқот ақидаи олимон ва қонунгузориест, ки соҳибкории оилавӣ ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқро дар ин бахш ба танзим медарорад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Диссертатсияи мазкур фарогири бавуҷудоӣ ва инкишофи қонунгузории Тоҷикистони соҳибистиқлол оид ба соҳибкории оилавӣ дар давоми 31 сол буда, бо назардошти ташаккули асосҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ оид соҳибкории оилавӣ 3 марҳиларо дарбар мегирад: 1) солҳои 1991-1998; 2) солҳои 1999-2015; 3) аз соли 2016 инҷониб.

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ ташаккул ва инкишофи заминаҳои ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ баррасӣ гардидааст. Инчунин, таҳлили муқоисавии қонунгузорӣ ва амалияи кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

(минбаъд – ИДМ) ва хориҷи дур оид ба соҳибкории оилавӣ анҷом дода шудааст, ки мазмуну моҳияти рисоларо комил сохтаанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии таҳқиқотро асарҳои илмии муҳаққиқоне ташкил додааст, ки ба ҷиҳатҳои гуногуни проблемаи ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дахл доранд. Аз ҷумла асарҳои А.В. Барков, Л.А. Баркова, У.Д. Берикболова, А.В. Золотухин, С.О. Валенджян, А.Е. Муханова, Д.А. Волков, И.В. Ершова, Ш.М. Исмаилов, А.Н. Левушкин, М.А. Маҳмудзода, Ф.А. Маҳмадшозода, А.А. Мохов, Ҷ.С. Муртазозода, Т.Ю. Назарова, М.К. Немилентсев, И.А. Плотникова, М.З. Раҳимзода, Б.О. Самадов, Д.Ш. Сангинов, Ж.Б. Смагулова, Т.И. Султонова, М.Н. Умирзакова, Х.Н. Химатов, И.М. Шарифов ва дигарон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Асосҳои методологии таҳқиқотро усулҳои умуми-илмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

Тавассути усули диалектикӣ ташаккул ва инкишофи заминаҳои ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди пажуҳиш қарор дода шуда, шароити таърихӣ ва дигар омилҳое, ки ба ташаккул ва инкишофи қонунгузории бахши соҳибкории оилавӣ мусоидат намудаанд, муайян карда шудааст. Дар заминаи усули мантиқӣ-забонӣ истилоҳ ва ибораҳои мавҷуда оид ба муқаррарнамоии мафҳуми соҳибкории оилавӣ таҳлил гардида, истифодаи истилоҳи ягонаи аз нигоҳи мантиқӣ ва забонӣ дуруст, пешниҳод карда шудааст. Ҳамзамон, тавассути усули мантиқӣ-забонӣ соҳибкории оилавӣ таҳқиқ шуда, воқеияти амалишавии он дар замони муосир инъикос гардидааст. Дар раванди таҳқиқи танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ бо истифода аз усули оморӣ шумораи субъектони соҳибкории оилавӣ ва ҳолатҳои ҳимояи ҳуқуқи онҳо муайян гардидааст. Дар заминаи усули шаклӣ-ҳуқуқӣ соҳибкории олиавӣ ҳамчун падидаи сирф ҳуқуқӣ баррасӣ шуда, мафҳум ва унсурҳои таркибии он муайян карда шудааст. Инчунин, тавассути усули шаклӣ-ҳуқуқӣ қонунгузории амалкунандаи ҶТ ва давлатҳои хориҷӣ, санадҳои байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Тавассути усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қонунгузории ҶТ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар бахши соҳибкории оилавӣ омӯхта шуда, шабоҳат ва тафовут миёни онҳо муайян гардидааст. Усули таърихӣ-ҳуқуқӣ имконият фароҳам намуд, то мавзуи рисола на танҳо ҳамчун падидаи муосири ҳуқуқӣ, балки таърихӣ низ омӯхта шавад. Дар натиҷаи таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии мавзуи рисола муайян гардид, ки дар замони истиқлоли давлатӣ танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ 3 марҳилаи таърихиро пушти сар намудааст. Усулҳои ишорашуда дар якҷоягӣ имконият фароҳам оварданд, то мавзуи таҳқиқшаванда ҳамаҷониба, пурра ва объективона омӯхта шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқиотро муқаррароти Конститутсияи ҶТ, Кодекси граждании ҶТ (минбаъд – КГ ҶТ), қонунгузории

соҳибкорӣ ва дигар сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ташкил додаанд. Дар баробари санадҳои миллӣ, инчунин, баъзе санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории давлатҳои алоҳида оид ба соҳибкории оилавӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Муҳимтарин замина ва роҳнамои таҳқиқот Паёмҳои ҳарсолаи Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ ба ҳисоб мераванд. Баҳри таҳлили амалияи татбиқи қонунгузории Тоҷикистон санадҳои судӣ мавриди таҳлил ва татбиқ қарор дода шудаанд

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Диссертатсия дар асоси мавқеи устувори тадқиқотиву ҳамаҷонибаи муаллиф оид ба масъалаи танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар ҶТ гузаронида шудааст ва барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар бахши мазкур як қатор пешниҳодҳо карда шудааст. Навоварии тадқиқот инчунин дар он ифода мегардад, ки то ҳол дар ҶТ масъалаи танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ба тадқиқоти комплексии монографӣ фаро гирифта нашудааст. Ҳамзамон дар давраи муосир ба омӯзиши танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ баҳри коркарди механизмҳои нави ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ талабот вуҷуд дорад. Диссертатсияи мазкур аввалин кори илмие мебошад, ки дар он кӯшиши гузаронидани тадқиқоти комплексии танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ба амал бароварда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Барои ҳимоя нуктаҳои зерини илмӣ, ки навоварии илмии тадқиқоти диссертатсиониро инъикос менамояд, пешкаш карда мешавад:

1. Соҳибкории оилавӣ институти ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва намуди рафтори иқтисодии воҳиди ҷамъият – оила мебошад. Дар айни ҳол қонунгузор соҳибкории оилавиро бояд ҳамчун самти фаъолияти соҳибкорӣ ва падидаи муассири ҳуқуқи соҳибкорӣ ва оилавӣ бо дарҷи он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор эътироф намояд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ таносуби манфиатҳои оилавӣ ва давлатӣ риоя карда шуда, кафолати давлтии рушди соҳибкории оилавӣ таъмин гардад. Соҳибкории оилавӣ, ки аз дастгирии давлатӣ ва танзими махсуси қонунгузорӣ маҳрумгаштаву танҳо дар шакли худмашғулият боқӣ монда вазифаҳои муҳимтари ҳуқуқиву иқтисодиро дар модели миллии пешбурди соҳибкорӣ дар ягон давлат иҷро карда наметавонад.

2. Соҳибкории оилавӣ ин самти фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки дар он ду ё зиёда аъзои оила тавассути робитаҳои оилавӣ нақшҳои роҳбарӣ ё соҳибмулкӣ доранд ва бо мақсади ба даст овардани фоида таҳти масъулият истеҳсолот, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва ё фурӯши молро ба сомон мерасонанд. Алоҳида пешниҳод гардидани истилоҳоти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар сатҳи қонунгузорӣ шароити иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилиро барои ташаккули инфрасохтори пешрафтаи соҳибкории оилавӣ, рушди оила ҳамчун муҳити худидоракунии инсон, баланд бардоштани иқтидори оилавӣ фароҳам меорад ва ба манфиати тараққиёти ҷамъият ва иқтисодиёт истифода мегардад. Аломатҳои фарқкунандаи соҳибкории оилавӣ аз дигар самтҳои соҳибкорӣ чунинанд: оила барои идоракунӣ масъул мебошанд ва ё ҳадди ақкал 25% саҳмияҳои ташкилот

ба оила тааллуқ доранд; молик ё менеҷерҳо соҳибкориро ҳамчун соҳибкории оилавӣ муайян ва дарк мекунанд.

3. Истифодаи ин самти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон имкон медиҳад, ки иҷрои вазифаи муҳими иҷтимоии давлат фаъолона амали гардида, шароити ҳуқуқии баҳри фароҳам овардани имкониятҳои соҳибкории шаҳрвандон таъмин карда шавад. Омилҳои асосии мусоидаткунанда ба рушди соҳибкории оилавӣ инҳо мебошанд: ташаккули фарҳанги ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ; ҷалби аъзоёни оила ба идоракунии фаъолият; таъминоти ворисияти соҳибкорӣ; нигоҳдории идорашавандагии соҳибкории оилавӣ; заминаи устувор барои соҳибкории хурд, миёна ва калон.

4. Субъектони соҳибкории оилавӣ 2 гурӯҳ ҷудо карда мешавад: 1. Ташкилоти оилавӣ субъекти соҳибкории миёна ва калон мебошад, ки аз ҷониби аъзоёни як оила (сардори оила, зан, шавҳар, фарзандон, наберагон, падару модар, дигар хешу табори ба синни меҳнатӣ расида (занони фарзандон ва наберахо, бародарони хуниву угай, зану шавҳар ва фарзандони онҳо, амакҳо ва холаҳо) таъсис дода шуда, идора карда мешавад; 2. Соҳибкории оилавии инфиродӣ - шахси воқеие, ки ба ҳайси соҳибкор аз қайди давлатӣ гузашта, худ ва ё бо ҷалби меҳнати аъзои оила фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад.

5. Аъзоёни ташкилоти оилавӣ ҳуқуқ доранд: дар идоракунии соҳибкории оилавӣ, қабули қарорҳо, назорат аз болои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ иштирок намояд; вобаста ба шартҳои шартномаи таъсиси ташкилоти оилавӣ ҳиссаи худро аз фоида гиранд; ихтиёран аз кори оилавӣ даст кашидан; барои баргардонидани як қисми арзиши амволи ташкилоти оилавӣ ҳангоми баромадан аз ҳайати он мутаносибан ба маблағи амволе, ки ӯ ба сармояи оинномавӣ гузоштааст ё ба ӯ дар шакли асл ҷудо кардани амвол бо ҳамон арзиш, агар дар шартномаи таъсиси ташкилоти оилавӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, талаб кунанд.

6. Давлат риояи ҳуқуқҳо ва ҳимояи манфиатҳои қонунии субъектони соҳибкории оилавиро кафолат медиҳад ва ба рушду таҳкими соҳибкории оилавӣ мусоидат менамояд. Мақомоти давлатӣ мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонун ба субъектони соҳибкорони оилавӣ: барои ташкили истеҳсоли мол (кор, хизматрасонӣ) биноҳои ғайриистиқоматии истифоданашударо ба иҷора медиҳанд; барои сохтмони майдонҳои истеҳсолӣ замин ҷудо менамоянд; объектҳои истеҳсолии субъектҳои соҳибкории оилавиро ба шабакаҳои муҳандисию алоқа пайваст менамоянд; барои фурӯхтани маҳсулоти субъектони соҳибкории оилавӣ ҷойҳои махсус ҷудо мекунанд.

7. Таҳлили назария ва амалияи соҳибкории оилавӣ далели он аст, ки дар ин самти соҳибкорӣ таъсири оила ва омилҳои мураккаби системавӣ мавҷуданд ва ба равандҳои стратегӣ ва натиҷаҳои соҳибкори онҳо таъсир мерасонанд. Таъсири нодири системавии оила (модел)-ро бо истифода аз захираҳо ва имкониятҳои оила ба даст овардан мумкин аст. Ин модел нишон медиҳад, ки чӣ гуна муносибатҳои мутақобилаи системавии як воҳиди оила, субъекти хоҷагидорӣ ва узви инфиродии оила бо иҷроиш алоқаманданд.

8. Механизмҳои муайяни ҳуқуқӣ вуҷуд доранд, ки ба соҳибкорони соҳаи саноат ва сайёҳӣ имкон медиҳанд, ки аз дастгирии молиявии давлатӣ бархурдор шаванд. Дар ин замина аз ҷониби давлат фароҳам овардани шароит барои пешбурди соҳибкории оилавӣ дар соҳаи саноат ва сайёҳӣ тавассути маблағгузории имтиёзнок, махсусияти андозбандӣ, таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ва суст кардани назорати мақомоти назоратӣ имкон медиҳад, ки субъектони соҳибкории оилавӣ некӯаҳволии худро беҳтар созад. Бешубҳа, соҳибкории оилавӣ дар мамлакати мо дар шароити муосир бояд аз ҷониби давлат ва доираҳои бузурги соҳибкорӣ бештар дастгирӣ карда шавад, барои рушди фаъолияти соҳибкории аъзои оила низ кӯмакҳои гуногун расонида шаванд.

9. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии оилавҳо ва рушди соҳибкории оилавӣ устувор намудани заминаи ҳуқуқии хоҷагиҳои деҳқонии оилавӣ зарур аст. Хоҷагии деҳқонии оилавӣ – якҷоя амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ ва дигар фаъолияти хоҷагидорӣ (истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯши маҳсулот) дар деҳот аз ҷониби аъзоёни оила ва шахсоне, ки якҷоя бо онҳо дар асоси меҳнати инфиродӣ ва молу мулке, ки дар моликият ё ба иҷора қарордошта, амал мекунанд.

**10. Дар диссертатсия, дар асоси омӯзиши паҳлуҳои гуногуни мавзуи барррасишаванда, муаллиф баҳри такмили қонунгузорӣ чунин пешниҳодҳо намудааст:**

10.1. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории оилавӣ» саривақтӣ буда, мақсади он танзими муносибатҳо дар самти соҳибкории оилавӣ муқаррар гардида, дарбаргирандаи меъёрҳо оид ба муқаррароти умумӣ, ташкили ташкилоти оилавӣ, соҳибкории оилавии инфиродӣ ва бақайдгирии давлатии онҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектони соҳибкории оилавӣ ва аъзоёни он, фаъолияти субъектони соҳибкории оилавӣ, кафолатҳои озодии фаъолияти соҳибкории оилавӣ, муқаррароти интиқолӣ.

10.2. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” аз 26 июли соли 2014, №1107 моддаи 3(1) бо мазмуни зайл илова карда шавад:

“Моддаи 3(1). Самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ

1. Давлат ҳама гуна самтҳои соҳибкории пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф намуда, ба он иҷозат медиҳад.

2. Соҳибкорӣ тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- соҳибкории иҷтимоию фарҳангӣ;
- соҳибкории иҷтимоӣ;
- соҳибкории оилавӣ;
- соҳибкории стратегӣ;
- соҳибкории инноватсионӣ;
- соҳибкории зеҳнӣ;
- соҳибкории экологӣ;
- соҳибкории виртуалӣ”.

10.3. Бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)” аз 15 марти соли 2016, № 1289 зарур аст, ки хоҷагии деҳқонии оилавӣ ҳамчун шакли хоҷагидорӣ муқаррар карда шавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Тадқиқоти мазкур метавонад ҳам аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ, ки танзими фаъолияти субъектони соҳибкории оилавиро ба амал мебароранд ва ҳам аз ҷониби субъектони хоҷагидории ҶТ – иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ мебошанд, истифода бурда шавад.

Натиҷаи тадҳиқот метавонад барои мукаммалгардонии қонунгузории граждани, соҳибкорӣ, оилавӣ, таҷрибаи судии судҳои иқтисодӣ ва судҳои салоҳияти умумии ҶТ истифода бурда шавад.

Инчунин муқарраротҳои алоҳидаи диссертатсия метавонад барои тадқиқотҳои минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи гражданӣ, соҳибкорӣ, оилавӣ инчунин барои масъалаи танзими муносибатҳои гуногуни ҳуқуқии хусусӣ ва ғайра истифода шавад. Инчунин тадқиқоти мазкур метавонад дар вақти дарс додан аз фанни «Ҳуқуқи гражданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», “Ҳуқуқи оилавӣ” ва курсҳои махсус дар факултетҳои ҳуқуқшиносии донишгоҳҳои олии мамлакат истифода бурда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба дурустии маълумот, мувофиқати маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми нашрияҳо, усулҳои гузаронидани таҳқиқоти диссертатсия вобаста аст. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявию таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи рисола «Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бо дараҷаи навовариҳои илмии диссертатсия, муқарраротҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад, бо мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳои муаллиф дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмию амалӣ, инчунин бо коркарди лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, тағйирот ва иловаҳо ба он тасдиқ мегарданд. Инчунин тарзи ифода кардан, гузоштани масъалаҳо ва услубшиносии рисола саҳми шахсии муаллии диссертатсияро тасниф мекунад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқот дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз 7 ноябри соли 2022, таҳти протоколи №04 барои ҳимоя тавсия карда шудааст. Рисола дар се-

минари илмии Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҳимоя тавсия шудааст (14.11.2022 сол).

Маводи таҳқиқот, инчунин, дар маърӯзаҳои муаллиф дар конфронсҳои илмии зерин инъикос ёфтаанд:

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи: «20 соли Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳуқуқ ва иқтисод» – маърӯза дар мавзуи: «Озодии фаъолияти соҳибкории оилавӣ кафолати ҳуқуқи конститутсионии ҳуқуқи шахс». – Душанбе, 2019;

– конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» – маърӯза дар мавзуи: «Сайёҳӣ ва масъалаҳои такомули қонунгузории он дар Тоҷикистони муосир». – Душанбе, 2020;

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи: «Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ» – маърӯза дар мавзуи: «Асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар рушди саноатикунонии кишвар». – Кӯлоб, 2020;

– III-юмин конференсияи илми-назариявии байналмилалиии Академияи ВКД ҶТ дар мавзуи: «Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» – маърӯза дар мавзуи: «Масъалаҳои таъмини ҳуқуқи занон дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2020;

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ» – маърӯза дар мавзуи: «Табиати ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун самти соҳибкорӣ». – Душанбе, 2021;

– конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявиро дар мавзӯи «Менеҷменти маркетингӣ дар соҳаи сайёҳӣ» – маърӯза дар мавзуи: «Асосҳои ҳуқуқи соҳибкори оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ». – Душанбе, 2021.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Далелҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар ин кори илмӣ овардашуда дар 12 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** аз мақсадҳо, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот иборат буда, аз муқаддима, ду боб, ки ҳафт зербобро муттаҳид мекунад, хулоса ва феҳрасти маъхазҳо иборат мебошад. Ҳаҷми умумии рисола аз 178 саҳифа иборат мебошад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддима аҳамияти мавзӯи тадқиқот, дараҷаи тадқиқоти назариявӣ ва амалии он, усулҳои тадқиқоти дар рафти тадқиқот истифодашаванда, заминаи меъёрӣ, навоварии илмӣ ва муқаррароти дар асоси он таҳияшуда, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, муайян карда шудаанд. аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола, инчунин натиҷаҳои апробатсияи тадқиқот.

Дар боби якуми диссертатсия **«Моҳияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибкории оилавӣ»** муаллиф табияти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун самти соҳибкорӣ, низоми воситаҳои ҳуқуқии таъминкунадаи рушди соҳибкории оилавӣ, таҳлили муқоисавии ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар давлатҳои хориҷаро таҳлил намудааст.

Дар зербоби якуми боби якум «**Табияти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун самти соҳибкорӣ»** рисоланавис қайд менамояд, ки таҷрибаи рушди кишварҳое, ки дар ислоҳоти иқтисодиёти бозоргонӣ ва таъмини сатҳи баланди даромади аҳолӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардидаанд, нишон медиҳад, ки ташаббуси хусусӣ на танҳо дар таъмини шуғли аҳолӣ, балки дар ташкили омилҳои устувори тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ низ нақши рӯзафзун мебозад.

Дар ҷаҳони муосир қисми зиёди соҳибкории хурдро соҳибкории оилавӣ ташкил медиҳад. Афзалиятҳои иҷтимоию иқтисодии ин самти соҳибкорӣ самаранокии баланди фаъолияти субъектҳои онро муайян карданд. Дар як қатор давлатҳо ассотсиатсияҳои махсусе мавҷуданд, ки дар соҳаи ташкили соҳибкории оилавӣ тадқиқот мегузаронанд, манфиатҳоро ҳимоя мекунанд ва барои мубодилаи таҷриба дар фаъолияти соҳибкории оилавӣ майдонҳои мубоҳиса пешниҳод мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки аҳолӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ фаъолона ҷалб карда, анъанаҳои соҳибкории оилавӣ инкишоф дода шуда, сулолаҳои соҳибкории оилавӣ ташаккул дода шаванд.

Ҳамин тавр, соҳибкории оилавӣ на танҳо муҳити мӯътадили иҷтимоию иқтисодиро дар ҷомеа таъмин менамояд, балки муҳити соҳибкорӣ ва ояндабиниро низ ташаккул медиҳад.

Мафҳумҳои аз ҷониби олимон пешниҳодшударо муаллиф таҳлил намуда, зикр менамяд, ки соҳибкории оилавӣ мавҷудияти муносибатҳои оилавӣ, соҳибкорӣ, ташкилӣ ва меҳнатиро дар байни субъектҳо пешбинӣ мекунад. Аммо асоси сохибкории оилавӣ маҳз робитаҳои оилавию ҳуқуқӣ мебошанд, ки дар асоси онҳо фаъолияти сохибкорӣ ташкил карда мешавад. Соҳибкории оилавӣ ин ташкили фаъолияти як узви инфиродии оила, беш аз ду аъзои оила ё дар заминаи моликияти хусусии ҳамаи аъзоёни оила баҳисоб меравад. Молик дорои захираҳои моддӣ ва таҷҳизоти асосии барои фаъолияти истеҳсолӣ зарурӣ мебошад, соҳибмулк ба фаъолияти субъекти хоҷагидор шахсан назорат мекунад. Новобаста аз миқёси ташкили соҳибкории оилавӣ, омили асосии муваффақияти он такя ба арзишҳои оилавӣ ва оила мебошад, зеро ба соҳибкорӣ танҳо одамони наздик ҷалб карда мешаванд, ки набояд якдигарро ноумед кунанд ва ё фиреб диҳанд. Барои ҳамчун соҳибкории оилавӣ эътироф шудан худи ширкат ва сармояи саҳомии он бояд дар дасти оилаҳо бимонад ва ба мерос гузарад. Дар модели ҳуқуқии соҳибкории Тоҷикистон категорияи «соҳибкории оилавӣ» вуҷуд надорад ва дар сатҳи қонунгузорӣ чунин шакли ташкилию ҳуқуқии пешбурди соҳибкорӣ ба мисли ташкилоти оилавӣ муқаррар карда нашудааст.

Соҳибкории оилавӣ институти ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва намуди рафтори иқтисодии воҳиди ҷамъият – оила мебошад. Дар айни ҳол

қонунгузор соҳибкории оилавиро бояд ҳамчун самти фаъолияти соҳибкорӣ ва падидаи муассири ҳуқуқи соҳибкорӣ ва оилавӣ бо дарҷи он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор эътироф намояд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ таносуби манфиатҳои оилавӣ ва давлатӣ риоя карда шуда, кафолати давлтии рушди соҳибкории оилавӣ таъмин гардад. Соҳибкории оилавӣ, ки аз дастгирии давлатӣ ва танзими махсуси қонунгузорӣ маҳрумгаштаву танҳо дар шакли худмашғулият боқӣ монда вазифаҳои муҳимтари ҳуқуқиву иқтисодиро дар модели миллии пешбурди соҳибкорӣ дар ягон давлат иҷро карда наметавонад. Аз рӯи табиати ҳуқуқии худ соҳибкории оилавӣ аксар вақт ҳамчун соҳибкории хурд ва миёна баҳо дода мешавад, ки дар сатҳи қонунгузории танзим карда мешавад. Дар қонунгузории Тоҷикистон низоми махсуси ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории хурду миёна ташаккул ёфтааст.

Соҳибкории оилавӣ ин самти фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки дар он ду ё зиёда аъзои оила тавассути робитаҳои оилавӣ нақшҳои роҳбарӣ ё соҳибмулкӣ доранд ва бо мақсади ба даст овардани фоида таҳти масъулият истеҳсолот, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва ё фурӯши молро ба сомон мерасонанд. Алоҳида пешниҳод гардидани истилоҳоти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар сатҳи қонунгузорӣ шароити иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилиро барои ташаккули инфрасохтори пешрафтаи соҳибкории оилавӣ, рушди оила ҳамчун муҳити худидоракунии инсон, баланд бардоштани иқтидори оилавӣ фароҳам меорад ва ба манфиати тараққиёти ҷамъият ва иқтисодиёт истифода мегардад. Аломатҳои фарқкунандаи соҳибкории оилавӣ аз дигар самтҳои соҳибкорӣ чунинанд: оила барои идоракунӣ масъул мебошанд ва ё ҳадди ақкал 25% саҳмияҳои ташкилот ба оила тааллуқ доранд; молик ё менеҷерҳо соҳибкориро ҳамчун соҳибкории оилавӣ муайян ва дарк мекунанд.

Дар зербоби дуюми боби якум **“Низоми воситаҳои ҳуқуқии таъминкунадаи рушди соҳибкории оилавӣ”** муаллиф қайд менамояд, ки низоми воситаҳои ҳуқуқии таъмини соҳибкории оилавӣ низоми воситаҳои ҳуқуқии хусусӣ ва ҷамъиятӣ мебошад, ки татбиқи манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятии аъзоёни оила ва умуман оиларо ҳамчун маҳаки ҳуқуқӣ дар баробари ҷамъият ва давлат муайян мекунад. Модели назариявии ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун маҷмӯи муқаррарот ва тавсияҳои илмӣ ва амалӣ оид ба тағйир додани қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи соҳибкории оилавӣ мебошад, ки асоси сиёсати ҳуқуқии оиларо барои таъмини ҳамоҳангии манфиатҳои оилавӣ дар соҳибкорӣ ташкил медиҳанд. Низоми воситаҳои ҳуқуқии таъминкунадаи рушди соҳибкории оилавӣ ин маҷмӯи воситаҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ, оммавӣ-ҳуқуқӣ мебошанд. Чунки дар шароити торафт мураккабтар шудани робитаҳои иқтисодӣ зарурати танзими ягонаи ҳамоҳангшудаи ҳуқуқи хусусӣ ва ҳуқуқи оммавии муносибатҳои ҳуқуқӣ дар самти соҳибкории оилавӣ пеш омадааст.

Истифодаи ин самти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон имкон медиҳад, ки иҷрои вазифаи муҳими иҷтимоии давлат фаъолона амали гардида, шароити ҳуқуқии баҳри фароҳам овардани имкониятҳои соҳибкории шаҳрвандон таъмин карда шавад. Омилҳои асосии мусоидаткунанда ба рушди соҳиб-

кории оилавӣ инҳо мебошанд: ташаккули фарҳанги ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ; ҷалби аъзоёни оила ба идоракунии фаъолият; таъминоти ворисияти соҳибкорӣ; нигоҳдории идорашавандагии соҳибкории оилавӣ; заминаи устувор барои соҳибкории  хурд, миёна ва калон.

Умуман, соҳибкории оилавӣ шакли фаъолияти муштараки соҳибкории шахсони воқеӣ мебошад, ки аз ҷониби зану шавҳар дар асоси моликияти умумии онҳо, ки дар асоси моликияти умумии муштарак ба онҳо тааллуқ доранд, ба амал мебароранд. Соҳибкории оилавӣ ба меҳнати шахсии зану шавҳар ва аъзоёни оила, ки ба онҳо кӯмак мерасонанд, асос меёбад. Ннабудани таваҷҷуҳи дуруст ба соҳибкории оилавӣ бо фишори стереотипи биологии иҷтимоӣ («гендер») дар дарки вазифаи оила дар ҷомеа «ченкунии» фаъолияти он алоқаманд аст.

Соҳибкорӣ дар ибтидо маҳз ҳамчун соҳибкории оилавӣ ба вуҷуд омадааст, зеро дар давраи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ба вуҷуд омадани устохонаҳои ҳунармандӣ маҳз дар хона, чун қоида, бо истифода аз меҳнати хешу табор сурат мегирифт. Баъдтар пайдоиш ва инкишофи шаклҳои гуногуни моликият имкон дод, ки дар бораи оила ва соҳибкорӣ ҳамчун категорияҳои мустақил сухан ронем. Дар воқеъ ташкилоти оилавиро метавон ҳама гуна ташкилоте  донист, ки аксарияти онҳо дар моликият ё таҳти назорати аъзои як оила қарор доранд, ки қисме аз онҳо бевосита дар ин ташкилот кор мекунанд.

Типологияи соҳибкории оилавӣ тақозо мекунад, ки ба ташкилоти оилавии «типи шаҳрӣ» ва хоҷагиҳои деҳқонӣ тақсим карда шавад, зеро барои онҳо ҳам шароити фаъолият ва ҳам талаботи марҳилаи ибтидоии рушд ба таври назаррас фарқ мекунанд. Дар шаҳр соҳибкори оилавӣ кӯшиш мекунад, ки дар соҳаҳое, ки барои соҳибкории калон ва миёна хос нестанд, ҷои худро ишғол намояд. Инҳо савдои яклухт ва чакана, хизмати маишӣ, фаъолияти тарабхона, хизматрасонии нақлиётӣ ба аҳолӣ, таъмиру сохтмон, ҳисобу китоб, аудит ва ғайра мебошанд. Гурӯҳи махсусро дар соҳибкории оилавӣ корпоратсияҳои калон, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, империяҳои молиявӣ ташкил медиҳанд, ки ҳиссаҳои назоратии онҳо дар давоми чанд насл дар дасти як оила буд. Чунин «корхона»-ро дигар ба як тиҷорати хурд тасниф кардан мумкин нест, аммо онҳо одатан аз ширкатҳои хурди оилавӣ оғоз мешаванд.

Маҳз тадбиқи маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқи оммавӣ ва ҳуқуқи хусусӣ метавонанд рушди соҳибкории оилавриро дар Тоҷикистон таъмин намоянд.

Давлат риояи ҳуқуқҳо ва ҳимояи манфиатҳои қонунии субъектони соҳибкории оилавиро кафолат медиҳад ва ба рушду таҳкими соҳибкории оилавӣ мусоидат менамояд. Мақомоти давлатӣ мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонун ба субъектони соҳибкорони оилавӣ: барои ташкили истеҳсоли мол (кор, хизматрасонӣ) биноҳои ғайриистиқоматии истифоданашударо ба иҷора медиҳанд; барои сохтмони майдонҳои истеҳсолӣ замин ҷудо менамоянд; объектҳои истеҳсолии субъектҳои соҳибкории оилавиро ба шабакаҳои муҳандисию алоқа пайваст менамоянд; барои фурӯхтани маҳсулоти субъектони соҳибкории оилавӣ ҷойҳои махсус ҷудо мекунанд.

Субъектони соҳибкории оилавӣ 2 гурӯҳ ҷудо карда мешавад: 1. Ташкилоти оилавӣ субъекти соҳибкории миёна ва калон мебошад, ки аз ҷониби аъзоёни як оила (сардори оила, зан, шавҳар, фарзандон, наберагон, падару модар, дигар хешу табори ба синни меҳнатӣ расида (занони фарзандон ва набераҳо, бародарони хуниву угай, зану шавҳар ва фарзандони онҳо, амакҳо ва холаҳо) таъсис дода шуда, идора карда мешавад; 2. Соҳибкории оилавии инфиродӣ - шахси воқеие, ки ба ҳайси соҳибкор аз қайди давлатӣ гузашта, худ ва ё бо ҷалби меҳнати аъзои оила фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад.

Аъзоёни ташкилоти оилавӣ ҳуқуқ доранд: дар идоракунии соҳибкории оилавӣ, қабули қарорҳо, назорат аз болои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ иштирок намоянд; вобаста ба шартҳои шартномаи таъсиси ташкилоти оилавӣ ҳиссаи худро аз фоида гиранд; ихтиёран аз кори оилавӣ даст кашидан; барои баргардонидани як қисми арзиши амволи ташкилоти оилавӣ ҳангоми баромадан аз ҳайати он мутаносибан ба маблағи амволе, ки ӯ ба сармояи оинномавӣ гузоштааст ё ба ӯ дар шакли асл ҷудо кардани амвол бо ҳамон арзиш, агар дар шартномаи таъсиси ташкилоти оилавӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, талаб кунанд.

Дар зербоби сеюми боби якум **“Таҳлили муқоисавии ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар давлатҳои хориҷа”** муаллиф қайд менамояд, ки соҳибкории оилавӣ чунон ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, дар ҳама гуна модели иқтисоди бозорӣ омили қобили ҳаёт ва чандири рушди иқтисодӣ мебошад. Зимнан рушди афзалиятноки соҳибкории оилавиро на танҳо як амали тадбирҳои зиддибӯҳронӣ, балки самти дарозмуддати сиёсати сохторӣ, ки пайвастагии органикии такрористеҳсолкунӣ ва равандҳои бозорро дар иқтисодиёт таъмин менамояд, баррасӣ кардан лозим аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таносуб ба давлатҳои хориҷа соҳибкории оилавӣ ҳамчун яке аз самтҳои соҳибкорӣ дар қонунгузорӣ ҳамчун шакли махсуси танзими ҳуқуқӣ ва дастгирии давлатӣ ҷудо карда нашудааст. Дар баробари ин муайян кардани чунин самти фаъолияти соҳибкорӣ метавонад яке аз механизмҳои самарабахши озодии ташаббуси соҳибкорӣ ва неруи эҷодӣ гардад. Пас омӯзиши танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ бо назардошти қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар доираи ин таҳқиқот саривақтӣ аст.

Аз ин рӯ, барои фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкории самарабахши оилавӣ дар Тоҷикистон мувофиқи мақсад аст, ки расмиёти имтиёзнок байни аъзоёни оила ҷорӣ карда, ба ихтиёри онҳо тақсимоти вазифаҳои функсионалӣ, фонди музди меҳнат ва мукофотҳои суғурта, инчунин тақсимоти моликият гузошта шавад.

Асоси дигари ташкилии рушди соҳибкории оилавӣ метавонад ташкилотҳои хурд бошад, ки муассисон ва кормандони онҳо хешовандони наздик мебошанд. Ин имкон аз он иборат аст, ки қонунгузории амалкунанда имкон медиҳад, ки дар ташкилотҳои хусусӣ ба ҳайси роҳбар, сармуҳосиб (ҷонишини ӯ), кассир, шахсони наздик ё молу мулкӣ (падару модар, зану шавҳар, бародарон, хоҳарон, писарон, духтарон) кори муштарак дошта бошанд. Инчунин ба-

родарон, хоҳарон, падару модарон ва фарзандони зану шавҳар гарчанде, ки кори онҳо бо тобеияти бевосита ё назорати яке аз онҳо ба дигараш вобаста бошад, метавонанд дар вазифаҳои зикршуда фаъолият намоянд (моддаи 27 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дар ин гуна ташкилотҳо инчунин ба мақсад мувофиқ аст, ки танзими дохилӣ, ки тақсимоти даромад ва суғуртаро бо назардошти риояи кафолатҳои иҷтимоии муқаррарнамудаи давлат танзим мекунад, иҷозат дода шавад.

Дар мавриди соҳаи татбиқи соҳибкории оилавӣ чунон ки таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад самтҳои аз ҳама ояндадор инҳоянд: ташкили тарабхонаҳои оилавӣ ва ошхонаҳои тезтайёр, сайёҳии кишоварзиву экологӣ, савдои хурди яклухт ва чакана, хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ.

Дар асоси таҳлили қонунгузории давлатҳои хориҷа оид ба соҳибкории оилавӣ муаллиф пешниҳод мекунад, ки:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории оилавӣ» қабул карда шуда, он ба танзими муносибатҳо дар самти соҳибкории оилавӣ равона гардида, дарбаргирандаи меъёрҳо оид ба муқаррароти умумӣ, ташкили ташкилоти оилавӣ, соҳибкории оилавии инфиродӣ ва бақайдгирии давлатии онҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектони соҳибкории оилавӣ ва аъзоёни он, фаъолияти субъектони соҳибкории оилавӣ, кафолатҳои озодии фаъолияти соҳибкории оилавӣ, муқаррароти интиқолӣ.

2. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” аз 26 июли соли 2014, №1107 моддаи 3(1) бо мазмуни зайл илова карда шавад:

“Моддаи 3(1). Самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ

1. Давлат ҳама гуна самтҳои соҳибкории пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф намуда, ба он иҷозат медиҳад.

2. Соҳибкорӣ тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад: соҳибкории иҷтимоию фарҳангӣ; соҳибкории иҷтимоӣ; соҳибкории оилавӣ; соҳибкории стратегӣ; соҳибкории инноватсионӣ; соҳибкории зеҳнӣ; соҳибкории экологӣ; соҳибкории виртуалӣ”.

**Дар боби дуюми рисола «Махсусияти танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар соҳаҳои алоҳида»** муаллиф масоили ҷанбаҳои ҳуқуқии рушди соҳибкории оилавӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ, заминаҳоии ҳуқуқии ташкил ва пешбурди фаъолияти соҳибкории оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ, мушкилоти ҳуқуқии пешбурди соҳибкории оилавӣ дар соҳаҳои дигари хоҷагии халқро таҳлил намудааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм **“Ҷанбаҳои ҳуқуқии рушди соҳибкории оилавӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ**” муаллиф қайд менамояд, ки рушди соҳибкории хурду миёна гарави муваффақияти рушди иқтисодиёти кишвар дар маҷмӯъ мебошад. Ба ин таҷрибаи тараққиёти иқтисодиёти ИМА ва баъзе мамлакатҳои Аврупо дар давоми чанд даҳсолаи охир равшан шаҳодат медиҳад. Соҳибкории хурду миёнаро метавон бо роҳҳои гуногун ташкил кард. Бо вуҷуди ин самти даромадноктарин ва босуръат рушдёбандаи соҳибкори

соҳибкории оилавӣ мебошад, ки дар он нақшҳои асосӣ дар ширкат байни хешони наздик ё дур тақсим карда мешаванд. Нақши оила дар рушди соҳибкорӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ бузург аст.

Сарфи назар аз гуногунии зиёди шаклҳои ташкилию ҳуқуқии хоҷагидорӣ дар комплекси агросаноатӣ, шаклҳои мавҷуда ба шароиту талаботи иқтисодиёти серсохти ҳозираи аграрӣ пурра ҷавоб дода наметавонанд. Ба ин фактҳои мавҷудияти корхонахои калон ва бомуваффақият тараққикардаистодаи хоҷагии қишлоқ - хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) шаҳодат медиҳанд, ки онҳо аз ҷиҳати ҳаҷм аз ҷамъият ва шикатҳои хоҷагӣ зиёданд. Ин аз он сабаб аст, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аслан шакли оилавии хоҷагидорӣ мебошанд.

Рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва дигар шаклҳои хурди соҳибкорӣ дар деҳот дар марҳалаи ҳозира яке аз самтҳои муҳими таъмини афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, бо кор таъмин намудани аҳолии деҳот мебошад. Дараҷаи инкишофи онҳо имкониятҳои самарабахши истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, дараҷаи бо озуқаворӣ таъмин намудани мамлакатро муайян мекунад. Таҳлили амалияи ватанӣ нишон медиҳад, ки самти аз ҳама сердаромад, рақобатпазир ва ояндадори рушди комплекси агросаноатӣ соҳибкории оилавӣ мебошад ва он дараҷаи зиндагонии сокинони деҳот, худтаъминкунии ноҳия, шаҳрро бо озуқаворecho асосӣ, фаъолияти корхонаҳои коркард ва дигар соҳаҳои ба ҳам алоқаманд, муайян мекунад.

Аз рушди пойдори хоҷагиҳои хонаводагӣ фаъолияти бехатари умуман низоми иқтисодӣ вобаста аст. Қиматҳои баланди нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии зерин ба томияти низоми амнияти иқтисодии хоҷагиҳои хонаводагӣ кафолат медиҳанд: сатҳи даромад; сохтори хароҷот; озодии иқтисодӣ; фаъолнокии иқтисодӣ; самарабахшии сиёсати давлатии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. Хоҷагии хонаводагӣ чун воҳиди хурдтарини низомманди хоҷагии минтақавӣ дар бозори меҳнат, дар бозори истеъмолӣ, бозори амволи ғайриманқул ва бозори молиявӣ амал мекунад. Ба назари мо, хоҷагии хонаводагӣ бо тамоми ҷузъҳою сохторҳои асосии иқтисодиёти минтақавӣ алоқаи таркибӣ дорад ва бо ин роҳ мукаммалии онро таъмин намуда, хосияту сифатҳои асосиро ҳангоми таъсири гуногуни беруна ва тағйироти дохилӣ нигоҳ медорад.

Моҳияти иқтисодии хоҷагии оилавӣ тавассути вазифаҳои зерини муҳим зоҳир мегардад: ҷамъоварӣ, ташаккул ва истифодаи даромади аъзоёни оила; қонеъ гардондани эҳтиёҷоти аъзоёни оила аз ҳисоби даромади мавҷуда; истеҳсоли мустақим ба маънои анъанавии он. Ин ба шаклҳои истеҳсолот, ки дар асоси оила-индивидуалӣ ташкил карда шудаанд, дахл дорад. Ҳамаи ин вазифаҳо дар ҳақиқат иқтисодиёти хоҷагии оиларо муайян мекунанд ва асоси вазифаҳои муайяншудаи ташаккули даромад ва истифодаи оқилонаи он амалан асоси иқтисодиёти хоҷагии оила мебошад. Бояд гуфт, ки вазифаҳои дар боло зикрёфтаи хочагиҳои оилавӣ на танҳо ба деҳот хосанд. Хусусиятхои иқтисодиёти хоҷагиҳои оилавии деҳот бошад, онҳо ҳам ба ташаккул ва ҳам ба истифодаи даромад таъсир мерасонанд. Соҳибкории оилавӣ ҷузъи муҳими сохтори иқтисоди бозоргонӣ, заминаи ҷамъиятии оммавии он, субъекти таркибии ме-

ханизми рақобати бозоргонӣ мебошад. Самаранокии фаъолияти соҳибкории оилавӣ бештар аз тарзи ташкили он вобаста аст. Он метавонад ҳам стихиявӣ ва ҳам муташаккил бошад. Соҳибкорӣ дар сурати мавҷуд набудани механизми танзими давлатӣ ва худтанзимкунии ин соҳа, ки барои марҳилаи ибтидоии инкишофи муносибатҳои соҳибкорӣ хос аст, ба таври стихиявӣ инкишоф меёбад. Оғози ташкилӣ бо амалиёти муштараки давлат, фирмаҳо, оилаҳо ба вуҷуд меояд.

Хоҷагии оилавӣ шакли фаъолияти хоҷагии кишлоқро дар назар дорад, ки аз тарафи оила ё аъзоёни алоҳидаи он ё бо ҷалб намудани кормандони кироя ба андозаи на бештар аз шумораи аъзоёни оилае, ки дар истеҳсолот кор мекунанд, ба амал мебарорад. Ҳамаи хоҷагиҳои оилавӣ, ки аз ду ё зиёда оилаҳо ташкил ёфтаанд ё аъзоёни дигар оилаҳои ба ҳам вобаста ба маблағи аз андозаи худи оила зиёд нестанд, ташкилотҳои оилавӣ буда наметавонанд. Зеро меҳнати онҳо аз ҳисоби аъзоёни оилаи волидайн зиёд аст ва моликияти хоҷагии қишлок комплекс аз хоҷагиҳои оилаҳои муассисон ҷудо карда шудааст, ки ин хусусияти асосии ҳар як хоҷагии оилавӣ мебошад. Дар ин ҳолат як иттиҳодияи шаҳрвандон аст, ки ба шакли корпоративӣ монанд аст. Дар аксари давлатҳои дорои иқтисоди бозаргонии мутараққӣ ин гуна хоҷагиҳоро хоҷагиҳои оилавӣ эътироф намекунанд, балки шарикӣ меноманд.

Таҳлили назария ва амалияи соҳибкории оилавӣ далели он аст, ки дар ин самти соҳибкорӣ таъсири оила ва омилҳои мураккаби системавӣ мавҷуданд ва ба равандҳои стратегӣ ва натиҷаҳои соҳибкори онҳо таъсир мерасонанд. Таъсири нодири системавии оила (модел)-ро бо истифода аз захираҳо ва имкониятҳои оила ба даст овардан мумкин аст. Ин модел нишон медиҳад, ки чӣ гуна муносибатҳои мутақобилаи системавии як воҳиди оила, субъекти хоҷагидорӣ ва узви инфиродии оила бо иҷроиш алоқаманданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии оилавҳо ва рушди соҳибкории оилавӣ устувор намудани заминаи ҳуқуқии хоҷагиҳои деҳқонии оилавӣ зарур аст. Хоҷагии деҳқонии оилавӣ – якҷоя амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ ва дигар фаъолияти хоҷагидорӣ (истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯши маҳсулот) дар деҳот аз ҷониби аъзоёни оила ва шахсоне, ки якҷоя бо онҳо дар асоси меҳнати инфиродӣ ва молу мулке, ки дар моликият ё ба иҷора қарордошта, амал мекунанд. Аз ин рӯ, бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" аз 15 марти соли 2016, № 1289 зарур аст, ки хоҷагии деҳқонии оилавӣ ҳамчун шакли хоҷагидорӣ муқаррар карда шавад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм **"Заминаҳоии ҳуқуқии ташкил ва пешбурди фаъолияти соҳибкории оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ"** рисоланавис қайд менамояд, ки вақтҳои охир яке аз соҳаҳои пешбаранда ва босуръат рушдёбандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ сайёҳӣ мебошад. Барои рушди босуръати он ҳамчун падидаи асри бистум эътироф карда мешавад. Аҳамияти сайёҳӣ ҳамчун манбаи даромади асъор, бо кор таъмин намудани аҳолӣ, вусъат додани алоқаҳои байни одамон мунтазам меафзояд. Таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар

Аврупо зиёда аз 70% сайёҳон дар меҳмонхонаҳои хурди хусусӣ, манзилҳои шахсии шаҳрвандон, хоҷагиҳои сайёҳӣ, деҳаҳои сайёҳӣ ва ғайра истиқомат мекунанд, ки соҳибони онҳо ва ҳамзамон кормандони онҳо аъзои ташкилот – як оила мебошанд. Аз ин рӯ, маҳз соҳибкории оилавӣ метавонад омили муҳими рушди соҳаи сайёҳӣ ва фароғатии давлатҳо гардад.

Сол то сол шумораи одамоне, ки хоҳиши сайру гашт дар шароити мусоиди табиию иқлимӣ доранд ва бо роҳи муолиҷа саломатии худро беҳтар кардан мехоҳанд, меафзоянд. Дар баробари ин, инфрасохтори фароғатӣ дар Тоҷикистон имкон намедиҳад, ки суръати баланди рушди сайёҳии дохилӣ ба даст ояд. Хизматрасонӣ дар осоишгоҳҳои Тоҷикистон то ҳол аз сатҳи байналмилалӣ ақиб мондааст ва нархҳо аз сабаби набудани рақобати муқаррарӣ ва сиёсати нархгузорӣ дар бозорҳои сайёҳии ҷумҳуриявӣ хеле баланд аст. Дар натиҷа, истироҳат дар хориҷи кишвар назар ба истироҳатгоҳҳои ватанӣ арзонтар метобад.

Соҳаи сайёҳӣ дар ҳалли мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ, таъмини шуғл ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум мавқеи марказӣ дошта, барои рушди иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад. Таҷриба нишон медиҳад, ки сайёҳӣ дар тӯли даҳсолаҳо новобаста ба бухронҳои иқтисодию молиявӣ, таҳаввулоти сиёсӣ ва тағйироти иҷтимоӣ бо суръати устувор рушд намуда истодааст. Масалан, омори ҷаҳонии сайёҳӣ шаҳодат медиҳад, ки: шумораи сайёҳон дар ҷаҳон аз 698 миллион нафар дар соли 2000 то ба 1 миллиарду 322 миллион нафар дар соли 2017 афзоиш ёфтааст; даромади соҳаи сайёҳӣ аз 478 миллион доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (минбаъд ИМА) дар соли 2000 то 2,2 триллион доллари ИМА дар соли 2017 зиёд шудааст; ҳиссаи соҳаи сайёҳӣ дар маҷмӯи маҳсулоти ҷаҳонӣ аз 6 фоиз дар соли 2000 то 11 фоиз дар соли 2017 баланд шудааст; 7 фоиз содироти ҷаҳонӣ ва 30 фоиз хизматрасониҳои ҷаҳонӣ ба соҳаи сайёҳӣ рост омадааст.

Барои соҳибкории бомуваффақият иҷро кардани ҳама вазифаҳои ғайриасосии марбут ба фаъолияти асосии ташкилот шарт нест, мумкин аст, ки гузаронидани ин равандҳоро ба ташкилоти махсусгардонидашуда вогузор кард, ки як ширкати сайёҳии соҳибкории оилавӣ мебошад. Ҳангоми аутсорсинг он вазифаҳоеро иҷро мекунад, ки корхонаи хурди оилавӣ аз сабаби он, ки ширкати сайёҳӣ, масалан, базаи тиббӣ, майдончаҳои варзишӣ, марказҳои фитнесс, ҳавзҳои шиноварӣ ва ғайра надорад, мустақилона иҷро карда наметавонад. Аз ин рӯ, як ширкати сайёҳии оилавӣ маҷбур аст, ки "захираҳои дигар" -ро истифода барад.

Дар шартномаи консессияи тиҷоратӣ мумкин аст, ки ҳуқуқи ворисон барои аз номи худ пешниҳод намудани хизматрасониҳои иловагии сайёҳӣ, ки бо фаъолияти соҳиби консессия рақобат намекунад, ба назар гирифта шавад. Яъне як ширкати сайёҳӣ, ки ба сифати танзимгари саёйҳӣ барои сайёҳии дохилӣ ё ба ҳайси агентии сайёҳӣ фаъолият мекунад, метавонад аз номи худ хидмати экскурсия ё ҷойгиронии сайёҳон дар бахши хусусӣ дар осоишгоҳро дар мавсим таъмин намояд.

Ҳамин тариқ, тамоми механизмҳои пешниҳодшуда (аутсорсинг, конвергенсия, франчайзинг) метавон дар маҷмӯъ дар шакли модели инноватсионии рушди соҳибкории оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ кӯмак намоянд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм **"Мушкилоти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар соҳаҳои дигари хоҷагии халқ"** муаллиф қайд менамояд, ки маъруфият ва ё машҳур будани ташкилоти оилавӣ, пеш аз ҳама, бо шароити мавҷудияти он муайян карда мешавад. Масалан, мавҷуд ё набудани фаҳмиши мақомот дар бораи зарурати таҳияи сиёсате, ки ба рушди бахши воқеии иқтисод мусоидат мекунад. Дар маҷмӯъ инро метавон зарурати таъсиси гурӯҳи иҷтимоӣ бо номи синфи миёна номид, ки бояд омили устуворкунандаи сиёсати дохилии давлат ва заминаи иҷтимоии он гардад.

Дар бораи масъалаҳои аҳамияти иҷтимоӣ дар рушди соҳибкории оилавӣ сухан ронда, бояд қайд кард, ки дар низоми иқтисодии ҷаҳон, тибқи маълумоти СММ, соҳибкории хурду миёнаи оилавӣ қариб 50 фоизи аҳолии қобили меҳнати ҷаҳон корфармо мебошанд. Танҳо дар ИМА онҳо ҳамасола 60% ҷойҳои нави корро таъмин мекунанд. Дар давраи бӯҳрон мушкилоти бекорӣ дар кишварҳои пешрафта бо кумаки тиҷорати хурд ҳал карда мешуд. Ин барои мамлакати мо дар айни замон бо афзоиши шумораи бекорон ва одамони кобили меҳнат дахл дорад. Дар Русия рушди соҳибкории оилавӣ хусусиятҳои худро дорад. Қисмати назарраси тиҷорати хурд дар ин кишвар соҳибкории оилавӣ ташкил медиҳад.

Саволе пас аз чунин изҳорот ба миён меояд, ки кадом ташкилотҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектҳои соҳибкории оилавӣ ҳисобида мешаванд. Ба ин савол ҷавоби аниқ додан мумкин нест, зеро дар қонунгузории мо мафҳуми соҳибкории оилавӣ мавҷуд нест. Ин монеаи асосии рушди ин самти соҳибкорӣ аст. Набудани барномаҳои ташкилию иқтисодии дастгирии соҳибкории оилавӣ, аз ҷумла имтиёзҳои андоз, дастгирии сармоягузорӣ ба фароҳам овардани муҳити мусоид дар Тоҷикистон барои рушди соҳибкории оилавӣ мусоидат кунад.

Барои фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкории оилавӣ дар мисоли кишварҳои ғарбӣ ниҳодҳои дахлдор (фондҳо, марказҳо, кумитаҳо) таъсис додан зарур аст, ки фаъолияти онҳо ба дастгирии ин намуди соҳибкорӣ ва амалӣ намудани вазифаҳои зерин нигаронида шудааст: пешбарӣ намудани манфиатҳои соҳибкории оилавӣ дар ҳама сатҳҳои ҳукумат; ҳавасмандгардонии таҳия ва татбиқи барномаҳои дастгирии соҳибкории оилавӣ; расонидани ёрии машваратӣ оид ба доираи васеи масъалаҳои марбут ба соҳибкории оилавӣ; ташаккул додани фазои бароҳати сармоягузорӣ ва ҳуқуқӣ ва ғ.

Чунин дигаргуниҳо метавонад ба одамон имкон диҳад, ки дар оила дар ватани худ пул кор кунанд ва ин дар навбати худ, ба беҳтар шудани вазъи демографӣ дар Тоҷикистон, паст кардани шиддати иҷтимоӣ дар ҷомеа, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани қудрати иқтисодии минтақаҳои алоҳида мусоидат мекунад.

Дар мамлакати мо захираҳои афзоиши соҳибкории оилавӣ ба қадри кифоя мавҷуданд. Ҷойгоҳи анъанавии соҳибкории оилавӣ дар Тоҷикистон дар марҳилаи рушди босуръат қарор дорад. Он асосан аз доираи васеи хизмати маишӣ, савдои чакана ва хӯроки умумӣ иборат аст. Бахши назарраси соҳибкории оилавиро ҳунармандӣ ташкил медиҳад.

Дар натиҷа, метавон хулосаҳои зеринро баровард, ки соҳибкории оилавӣ ба суръати рушди иқтисодӣ, сохтор ва сифати маҷмӯи маҳсулоти миллӣ таъсир мерасонад, ки ба ин далел аксарияти мутлақи давлатҳои мутараққӣ ба рушд ва фаъолияти соҳибкории оилавӣ ҳамаҷониба мусоидат мекунанд. Чунин факт шаходат медихад, ки соҳибкории оилавӣ ҳамчун шакли нави ташкили меҳнати ҷамъиятӣ зарурӣ ба манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакатамон мувофиқ аст. Ин фаъолият ҳам барои иқтисодиёти мамлакат ва ҳам барои ҳар як шаҳрванд як хел фоиданок аст. Ташкилоти оилавӣ меҳнати иловагиро ба раванди истеҳсолоти ҷамъиятӣ дохил мекунанд, ки он сарватҳои нав ба вуҷуд меоварад, даромади миллӣ ва сарвати миллиро афзун менамояд. Соҳибкории оилавӣ як манбаи рушд аст, ки Тоҷикистон онро наметавонад рад кунад. Имрӯз соҳибкории оилавӣ асоси иқтисодиёти аксари давлатҳо буда, ободии кишвар аз вазъи рушди он вобаста аст.

Дар асоси тахлили қонунгузории Ҷумҳурии Узбекиситон ва амалияи он ба андешаи муаллиф рушди намудҳои гуногуни соҳибкории оилавӣ ва дастгирии васеи онҳо аз ҷониби давлат боиси пешрафти давлат, ваъзи иҷтимоии аҳолӣ гардида, ҳамаи вазифаҳои иқтисодии хоҷагии оилавиро омилҳои таъмини некуаҳволии он ҳисоб кардан лозим аст. Аз рӯи анъанаҳои миллӣ бояд ҳунарҳои маҳаллӣ ҳамчун намудҳои анъанавии соҳибкории оилавӣ инкишоф дода шаванд. Барои бо ташкилоти дахлдор таъмин намудани онҳо бояд ба онҳо додани қарзҳои имтиёзнок ҷорӣ карда шавад. Аз ҷумла, имконияти гирифтани қарз барои оилаҳо васеъ кардан ба мақсад мувофиқ аст. Бо дарназардошти он, ки омилҳои молиявӣ омили монеаи соҳибкории оилавӣ мебошанд. Минбаъд кам кардани андоз ва пардохтҳои иҷтимоӣ барои соҳибкороне, ки ба хизматрасониҳои гуногун дар деҳот машғуланд, ба мақсад мувофиқ аст. Зеро ин намуди пардохтҳо ҳамчун омили муҳими рушди фаъолияти соҳибкорӣ зоҳир шуда, имкон медиҳад, ки оилаҳо аз ҳисоби маблағи худ намудҳои хизматрасониро васеъ намоянд. Пас, таҳкими институти соҳибкории оилавӣ дар Тоҷикистон ҳам аз нигоҳи рушди соҳибкорӣ (соҳибкории хусусӣ) ва ҳам аз нигоҳи таҳкими анъанаҳои миллии ҳунармандӣ ҷанбаи муҳим ба ҳисоб меравад.

## ХУЛОСА

Соҳибкории оилавӣ дар воқеияти ҳаёти муосир метавонад ва бояд ҳамчун пайванд байни давлат, соҳаҳои хурду калони ташкили соҳибкорӣ амал кунад. Он барои амалӣ намудани ҳалли масъалаҳои сершумори ташкилию ҳуқуқӣ, ки аз ҳамкории сохторҳои давлатӣ ва соҳибкорӣ бармеоянд, пешбинӣ шудааст. Таъсири тағйироте, ки дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ ба амал ома-

даанд, ба рушди равандҳои бизнес ва фаъолияти соҳибкорӣ бо назардошти рушди босуръати равандҳои инноватсионӣ дар Тоҷикистон муосир муайян карда шудааст.

Дар шароити гузариш ба ҷомеаи постиндустриалӣ, соҳибкории оилавӣ дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта бештар ҷойҳои бозорро ишғол мекунанд, ки ба соҳибкории калон ниёз надоранд. Соҳибкории оилавӣ чун қоида, соҳибкории хурдро ташкил медиҳад, ки асосан нақши муҳими иҷтимоии ин намуди соҳибкориро муайян мекунад. Дар бисёр кишварҳо соҳибкории оилавӣ масъулияти ҷиддӣ дорад, ки баробар кардани ҷомеа ва эҷоди табақаи миёнаи аз ҷиҳати иқтисодӣ қавӣ мебошад. Дар шароити иқтисоди бозаргонии мутамаддин макон ва нақши соҳибкории оилавиро вазифаҳо ва саҳми воқеии он дар рушди ҷамъият муайян мекунад.

Соҳибкории оилавӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти соҳибкорӣ бо кори хонагӣ ва тарбияи фарзандон пайваста шавад, ба фаъолияти истеҳсолӣ захираҳои меҳнатие, ки аз ҷониби дигар категорияҳои корфармоён (кӯдакон, пиронсолони оила ва маъюбон кам истифода мешаванд) ҷалб карда шавад. Ҳамин тариқ, дар байни оилаҳо алоқаҳои иқтисодӣ ба вуҷуд оварда, ба мустаҳкам шудани онҳо мусоидат мекунад ва афзоиши даромади оиларо таъмин менамояд. Барои бомуваффақиятии иҷтимоии кӯдакон ва ташаккули дарки иқтисоди бозоргонӣ дар онҳо шароит фароҳам оварда мешавад. Таваҷҷӯҳ ба густариш ва таҳкими соҳибкории оилавӣ ба афзоиши таваллуд мусоидат мекунад. Соҳибкории оилавӣ ба манфиати хешу табор ба натиҷаи корашон асос ёфтааст. Имконияти таълим додан, додани сирри истеҳсолот ва додани тиҷорати худ ба кӯдакон вуҷуд дорад, яъне давомнокии наслҳоро таъмин менамояд.

Соҳибкории оилавӣ муҳити устувори иҷтимоию иқтисодии ҷомеаро таъмин намуда, фазои мусоиди соҳибкорӣ ба оянда нигаронидашударо ба вуҷуд меорад. Соҳибкории оилавӣ барои худидоракунии соҳибкорӣ рӯҳияи соҳибкории шаҳрвандон, тафаккури онҳо зарур аст. Бидуни соҳибкории оилавӣ рушди устувори иқтисод имконнопазир аст. Як соҳибкор дар низоми тиҷорати оилавӣ маъмулан то панҷ узви дигари оиларо бо кор таъмин намуда, онҳоро аз категорияи эҳтиёҷмандони иҷтимоӣ ба категорияи шаҳрвандони худкифои кишвар мегардонад. Ба ибораи дигар гуем, дар мубориза ба муқобили қашшоқии аҳолӣ воситаи муҳим мебошад.

Аз ин рӯ, рушди соҳибкории оилавӣ метавонад ҳамчун воситаи муассир ва арзонтар барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ бо мақсади коҳиш додани сатҳи бекорӣ истифода шавад.

Дар ин асно зарурат ба омузиши назариявии соҳибкории оилавӣ ва амалияи он барои ворид намудани тағйирот дар қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ, оилавӣ, инчунин тамоюлҳои амалияи судӣ ҷой дорад.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи илмии масъалаҳои танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Тоҷикистон пешниҳоди чунин хулоса ва тавсияҳо лозим дониста мешаванд:

1. Аз сабаби он, ки масъалаҳои соҳибкории оилавӣ дар қонунгузорӣ амалан инъикос нагардидаанд, ҳангоми ҳалли масъалаҳои ҳуқуқие, ки дар соҳибкорӣ ба миён меоянд, моликон, судҳо ва дигар субъектҳои муносибатҳо Кодекси гражданиро истифода мебаранд. Бо вуҷуди ин, ин як қатор мушкилотро ба вуҷуд меорад, ки бо ҳуқуқи моликият, истифода ва ихтиёрдории худи соҳибкорӣ ва моликияти он алоқаманданд. Ин, дар навбати худ, метавонад ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири ҷиддӣ расонад. Ин на танҳо мушкилотро дар соҳибкории мушаххас ба вуҷуд меорад, балки метавонад боиси мушкилоти ҷиддии системавии ҳуқққӣ шавад. Аз сабаби он, ки бисёр субъектон воқеан соҳибкории оилавӣ мебошанд, муайян кардани мафҳуми соҳибкории оилавӣ аҳамияти калон дорад.

Дар ин замина ба андешаи муаллиф, соҳибкории оилавӣ институти ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва намуди рафтори иқтисодии воҳиди ҷамъият – оила мебошад. Дар айни ҳол қонунгузор соҳибкории оилавиро бояд ҳамчун самти фаъолияти соҳибкорӣ ва падидаи муассири ҳуқуқи соҳибкорӣ ва оилавӣ бо дарҷи он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор эътироф намояд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ таносуби манфиатҳои оилавӣ ва давлатӣ риоя карда шуда, кафолати давлтии рушди соҳибкории оилавӣ таъмин гардад. Соҳибкории оилавӣ, ки аз дастгирии давлатӣ ва танзими махсуси қонунгузорӣ маҳрумгаштаву танҳо дар шакли худмашғулият боқӣ монда вазифаҳои муҳимтари ҳуқуқиву иқтисодиро дар модели миллии пешбурди соҳибкорӣ дар ягон давлат иҷро карда наметавонад. **[1-М]**

2. Мушкилоти муҳими соҳибкории оилавӣ муайян кардани сарҳади байни соҳибкорӣ ва муносибатҳои оилавӣ мебошад. Агар бисёр ё ҳамаи аъзоёни оила ба як тиҷорат машғул бошанд, пас эҳтимоли зиёд дорад, ки онҳо ҳам дар кор ва ҳам дар хона ҳалли мушкилоти тиҷоратро идома медиҳанд. Аммо байни муносибатҳои оилавӣ ва тиҷоратӣ фарқиятҳои ҷиддӣ вуҷуд доранд. Муносибатҳои оилавӣ эҳсосӣ буда, ба ниёзҳои аъзои оила, адолат ва баробарӣ, хоҳиши устуворӣ асос ёфтааст. Муносибатҳои тиҷорӣ оқилонаанд, ки ба натиҷа ва арзиши саҳм, хоҳиши тавсеа ва афзоиш асос ёфтаанд. Муайян кардани сарҳадҳои байни ин муносибатҳо дар дохили соҳибкории оилавӣ ниҳоят душвор аст. Ва ин зиддиятхо низ боиси ихтилофоти байни аъзоёни оила — зану шавхар, падару модар ва фарзандон, бародарону хохарон мегардад. Набудани сарҳади дақиқ метавонад боиси вайрон шудани муносибатҳои оилавӣ ё тиҷоратӣ гардад, ки аз рӯи мушоҳидаҳои мо аксар вақт рӯй медиҳад.

Аз ин рӯ, соҳибкории оилавӣ ин самти фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки дар он ду ё зиёда аъзои оила тавассути робитаҳои оилавӣ нақшҳои роҳбарӣ ё соҳибмулкӣ доранд ва бо мақсади ба даст овардани фоида таҳти масъулият истеҳсолот, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва ё фурӯши молро ба сомон мерасонанд. Алоҳида пешниҳод гардидани истилоҳоти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар сатҳи қонунгузорӣ шароити иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилиро барои ташаккули инфрасохтори пешрафтаи соҳибкории оилавӣ, рушди оила ҳамчун муҳити худидоракунии инсон, баланд бардоштани иқтидори оилавӣ фароҳам меорад ва ба

манфиати тараққиёти ҷамъият ва иқтисодиёт истифода мегардад. Аломатҳои фарққунандаи соҳибкории оилавӣ аз дигар самтҳои соҳибкорӣ чунинанд: оила барои идоракунӣ масъул мебошанд ва ё ҳадди аққал 25% саҳмияҳои ташкилот ба оила тааллуқ доранд; молик ё менеҷерҳо соҳибкориро ҳамчун соҳибкории оилавӣ муайян ва дарк мекунанд. **[3-М]**

3. Ҷанбаи дигари соҳибкории оилавӣ, ки ҳамаи аъзоёни оила ба он ба таври ошкоро ё ғайримустақим манфиатдоранд, қабули қарорҳои стратегӣ мебошад. Азбаски соҳибкорӣ оиларо таъмин мекунад ва ба оила тааллуқ дорад, қарорҳои стратегӣ ба ҳар як аъзои оила таъсир мерасонанд ва аз ин рӯ, бояд бо ҳама мувофиқа карда шаванд. Аммо дар асл, молики расмӣ аксар вақт мустақилона қарор қабул мекунад ё танҳо бо ҳамсараш машварат мекунад. Ба инобат нагирифтани фикри дигар аъзоёни манфиатдори оила метавонад ва аксар вақт боиси муноқишаҳо гардад ва воситаҳои ба назар гирифтани андешаҳо вуҷуд надоранд.

Паси истифодаи ин самти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон имкон медиҳад, ки иҷрои вазифаи муҳими иҷтимоии давлат фаъолона амали гардида, шароити ҳуқуқии баҳри фароҳам овардани имкониятҳои соҳибкории шаҳрвандон таъмин карда шавад. Омилҳои асосии мусоидаткунанда ба рушди соҳибкории оилавӣ инҳо мебошанд: ташаккули фарҳанги ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ; ҷалби аъзоёни оила ба идоракунии фаъолият; таъминоти ворисияти соҳибкорӣ; нигоҳдории идорашавандагии соҳибкории оилавӣ; заминаи устувор барои соҳибкории  хурд, миёна ва калон. **[10-М]**

4. Мушкилоти муҳиме, ки ҳалли он дар соҳибкории оилавӣ дар Тоҷикистон душвор аст, ин ҷойгоҳи моликон дар идоракунӣ бо наҳзардошти шакли ташкилиюю ҳуқуқӣ мебошад. Маълум аст, ки бисьёр ташкилотҳоро соҳибон аз сифр ташкил кардаанд. Онҳо одат кардаанд, ки дар идоракунӣ иштирок кунанд. Аммо бисёр ташкилотҳо 10—20 сол доранд. Соҳибон аз идора монда шудаанд, синну сол ҳам зарари худро мерасонад ва ворисон ё омода нестанд ё намехоҳанд соҳибориро ба ӯҳда гиранд. Механизмҳои идоракунии корпоративӣ барои бисёре аз соҳибон номаълум ё нофаҳмо мебошанд.

Дар ин замина зарур аст, ки субъектони соҳибкории оилавӣ 2 гурӯҳ ҷудо карда шаванд: 1. Ташкилоти оилавӣ субъекти соҳибкории миёна ва калон мебошад, ки аз ҷониби аъзоёни як оила (сардори оила, зан, шавҳар, фарзандон, наберагон,  падару модар, дигар хешу табори ба синни меҳнатӣ расида (занони фарзандон ва набераҳо, бародарони хуниву угай, зану шавҳар ва фарзандони онҳо, амакҳо ва холаҳо) таъсис дода шуда, идора карда мешавад; 2. Соҳибкории оилавии инфиродӣ -  шахси воқеие, ки ба ҳайси соҳибкор аз қайди давлатӣ гузашта, худ ва ё бо ҷалби меҳнати аъзои оила фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад. **[11-М]**

5. Дар қонунгузории Тоҷикистон мафҳуми «соҳибкории оилавӣ» вуҷуд надорад, аммо мисолҳои зиёде барои ташкили чунин тиҷорати шахсии худ мавҷуданд. Баъзан зану шавҳар якҷоя фаъолияти соҳибкорӣ мекунанд, дар ҳоле ки тиҷорат ба номи яке аз ҳамсарон ба қайд гирифта шуда, вазъи ҳуқуқии дига-

раш ба ҳеҷ ваҷҳ муқаррар карда нашудааст. Чунин тиҷорат бартариятҳои худро дорад, аммо камбудиҳои кофӣ низ мавҷуданд. Тарафҳои мусбат манфиати самимии ҳарду ба муваффақияти парванда, эътимод ба ҳамдигар ва қобилияти зуд қабул кардани қарорҳоро дар бар мегиранд. Аммо чунин вазъият ба монанди мурофиаи талоқ барои соҳибкории оилавӣ мушкилоти ҷиддиро ба вуҷуд меорад. Вазъият махсусан душвор мегардад, ки ҳуқуқи зану шавҳар ба он бо шартномаи махсус ё аҳдномаи никоҳ ба расмият дароварда нашудааст.

Бинобар ин ба андешаи муаллиф, аъзоёни ташкилоти оилавӣ ҳуқуқ доранд: дар идоракунии соҳибкории оилавӣ, қабули қарорҳо, назорат аз болои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ иштирок намоянд; вобаста ба шартҳои шартномаи таъсиси ташкилоти оилавӣ ҳиссаи худро аз фоида гиранд; ихтиёран аз кори оилавӣ даст кашидан; барои баргардонидани як қисми арзиши амволи ташкилоти оилавӣ ҳангоми баромадан аз ҳайати он мутаносибан ба маблағи амволе, ки ӯ ба сармояи оинномавӣ гузоштааст ё ба ӯ дар шакли асл ҷудо кардани амвол бо ҳамон арзиш, агар дар шартномаи таъсиси ташкилоти оилавӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, талаб кунанд. **[1-М]**

6. Дар шароити зудтағйирёбандаи иқтисодӣ, соҳибкорӣ масъалаи ҳаёти инсон буданашро қатъ мекунад. Дар сурати паст шудани талабот ё тағйир ёфтани шароити бозор ба қайд гирифтан ва барҳам додан осон аст. Чунин бархӯрд дар пешбурди соҳибкорӣ, ки ба дарёфти роҳҳои зуд ва осони тиҷорат нигаронида шудааст, бар психологияи “коргари муваққатӣ” асос ёфтааст ва албатта, ҳам ба фазои соҳибкорӣ дар кишвар ва ҳам ба суботи иҷтимоӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Дар ин маврид давлат риояи ҳуқуқҳо ва ҳимояи манфиатҳои қонунии субъектони соҳибкории оилавиро кафолат медиҳад ва ба рушду таҳкими соҳибкории оилавӣ мусоидат менамояд. Мақомоти давлатӣ мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонун ба субъектони соҳибкорони оилавӣ: барои ташкили истеҳсоли мол (кор, хизматрасонӣ) биноҳои ғайриистиқоматии истифоданашударо ба иҷора медиҳанд; барои сохтмони майдонҳои истеҳсолӣ замин ҷудо менамоянд; объектҳои истеҳсолии субъектҳои соҳибкории оилавиро ба шабакаҳои муҳандисию алоқа пайваст менамоянд; барои фурӯхтани маҳсулоти субъектони соҳибкории оилавӣ ҷойҳои махсус ҷудо мекунанд. **[9-М]**

7. Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, нақши соҳибкории хурди оилавӣ махсусан дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ, ки тамоюли камшавии ҳаҷми истеҳсолот, ихтисори оммавии кормандон ва афзоиши бекорӣ ба назар мерасад, меафзояд. Мисоли мусбати чунин «навсозӣ» дар соҳибкории оилавӣ Юнон аст, ки дар он пас аз бӯҳрони молиявӣ (тирамоҳи соли 2009) имкониятҳои алтернативии шуғл, махсусан барои насли наврас хеле маҳдуд шуданд. Дар натиҷа, соҳибкории оилавӣ аҳамияти махсус пайдо кард ва ворисон барои идомаи тиҷорати волидайни худ бештар дилгарм шуданд (Vassiliadis, Vassiliadis, 2014).

Таҳлили назария ва амалияи соҳибкории оилавӣ далели он аст, ки дар ин самти соҳибкорӣ таъсири оила ва омилҳои мураккаби системавӣ мавҷуданд ва ба равандҳои стратегӣ ва натиҷаҳои соҳибкори онҳо таъсир мерасонанд. Таъси-

ри нодири системавии оила (модел)-ро бо истифода аз захираҳо ва имкониятҳои оила ба даст овардан мумкин аст. Ин модел нишон медиҳад, ки чӣ гуна муносибатҳои мутақобилаи системавии як воҳиди оила, субъекти хоҷагидорӣ ва узви инфиродии оила бо иҷроиш алоқаманданд. **[5-М]**

8. Дар аксари давлатҳои дорои иқтисоди бозаргонии мутараққӣ соҳибкории оилавӣ нақши муҳим мебозад. Масалан, дар Британияи Кабир 75 фоизи тамоми ташкилотҳоро фаро гирифта, нисфи аҳолии мамлакатро бо кор таъмин мекунад ва қариб 50 фоизи маҳсулоти умумии миллиро истеҳсол мекунад. Дар Италия 18 фоизи содиротро ташкилотҳои ҳунармандии оилавии иборат аз 2-3 нафар ташкил медиҳанд. Бо вуҷуди ин, бояд ба назар гирифт, ки мафҳумҳои «соҳибкории оилавӣ» дар Тоҷикистон ба таври куллӣ дигар аз хориҷа фаҳмида мешавад. Соҳибкории оилавӣ дар Ғарб тиҷоратест, ки аз насл ба насл мегузарад. Дар баробари ин, ҳавасмандии асосӣ таъмини некӯаҳволии молиявии наслҳост, ки ин тиҷорат бояд ба онҳо равад.

Ба андешаи муаллиф, механизмҳои муайяни ҳуқуқӣ вуҷуд доранд, ки ба соҳибкорони соҳаи саноат ва сайёҳӣ имкон медиҳанд, ки аз дастгирии молиявии давлатӣ бархурдор шаванд. Дар ин замина аз ҷониби давлат фароҳам овардани шароит барои пешбурди соҳибкории оилавӣ дар соҳаи саноат ва сайёҳӣ тавассути маблағгузории имтиёзнок, махсусияти андозбандӣ, таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ва суст кардани назорати мақомоти назоратӣ имкон медиҳад, ки субъектони соҳибкории оилавӣ некӯаҳволии худро беҳтар созад. Бешубҳа, соҳибкории оилавӣ дар мамлакати мо дар шароити муосир бояд аз ҷониби давлат ва доираҳои бузурги соҳибкорӣ бештар дастгирӣ карда шавад, барои рушди фаъолияти соҳибкории аъзои оила низ кӯмакҳои гуногун расонида шаванд. **[4-М]**

9. Рушди хоҷагиҳои деҳқонии (фермерӣ) дар шароити ҷаҳонишавии иқтисод аҳамияти калон дорад, ки бинобар чандирии худ ва нисбатан ҳаҷми ками сармоя ба шароити мавҷудаи бозор зуд мутобиқ мешаванд. Онҳо ҳамчун соҳибкории оилавӣ ташкил карда шудаанд, ки дар он ҳамаи аъзоёни оила самаранок меҳнат мекунанд. Онҳо метавонанд ба парвариши зироатҳои ғалладона, пахта, сабзавот, дарахтони мева, ангур, чорвои калони шохдор, гусфандпарварӣ, паррандаҳо ва дигар намудҳо ихтисос дода шаванд. Барои хоҷагии халқи Тоҷикистон хоҷагиҳои деҳқонии хурд дар таъмини шуғли аҳолии деҳот ва пур кардани бозори дохилӣ бо озуқа нақши муҳим доранд.

Муаллиф дар ин замина пешниҳод менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии оилаҳо ва рушди соҳибкории оилавӣ устувор намудани заминаи ҳуқуқии хоҷагиҳои деҳқонии оилавӣ зарур аст. Хоҷагии деҳқонии оилавӣ – якҷоя амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ ва дигар фаъолияти хоҷагидорӣ (истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯши маҳсулот) дар деҳот аз ҷониби аъзоёни оила ва шахсоне, ки якҷоя бо онҳо дар асоси меҳнати инфиродӣ ва молу мулке, ки дар моликият ё ба иҷора қарордошта, амал мекунанд. **[3-М]**

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Яке аз мушкилоти асосии соҳибкории оилавӣ дар Тоҷикистон имрӯз мавҷуд набудани қонуни алоҳида дар заминаи қонунгузорӣ мебошад, зеро қонунгузории мавҷуда бисёре аз ниёзҳои муҳими чунин субъектонро ба назар намегирад. Мушкилоти шадиди соҳибкории оилавӣ аз ҷониби мақомоти андоз тасниф кардани ҳамкории ширкатҳо ба шарикӣ ва бо роҳи тақсимшавӣ барои оптимизатсияи андозбандӣ ба вуҷуд омадааст.

Аз ин рӯ, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории оилавӣ» саривақтӣ буда, мақсади он танзими муносибатҳо дар самти соҳибкории оилавӣ муқаррар гардида, дарбаргирандаи меъёрҳо оид ба муқаррароти умумӣ, ташкили ташкилоти оилавӣ, соҳибкории оилавии инфиродӣ ва бақайдгирии давлатии онҳо, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъектони соҳибкории оилавӣ ва аъзоёни он, фаъолияти субъектони соҳибкории оилавӣ, кафолатҳои озодии фаъолияти соҳибкории оилавӣ, муқаррароти интиқолӣ. **[2-М]**

2. Як қатор фаъолиятҳое мавҷуданд, ки як соҳибкори навкор метавонад ба он машғул шавад. Таснифи самтҳои сощибкорӣ, нишон додани афзалиятҳо ва нуқсонҳои ҳар як гурӯҳи самтҳо, инчунин муқоисаи ин камбудиҳо бо имкониятҳои соҳибкор барои осон кардани интихоб даъват карда мешавад. Соҳибкорӣ имрӯз бо он тавсиф мешавад, ки соҳибкор ҳама чизеро, ки истеъмолкунанда барои он пул додан мехоҳад, ба ӯҳда мегирад. Аммо дар сатҳи қонунгузорӣ мушаххас набудани самтҳои соҳибкорӣ гуногунфаҳмӣ ва номукамалиро дар ин соҳа нишон медиҳад.

Дар ин замина муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” аз 26 июли соли 2014, №1107 моддаи 3(1) бо мазмуни зайл илова карда шавад:

“Моддаи 3(1). Самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ

1. Давлат ҳама гуна самтҳои соҳибкории пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф намуда, ба он иҷозат медиҳад.

2. Соҳибкорӣ тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- соҳибкории иҷтимоию фарҳангӣ;
- соҳибкории иҷтимоӣ;
- соҳибкории оилавӣ;
- соҳибкории стратегӣ;
- соҳибкории инноватсионӣ;
- соҳибкории зеҳнӣ;
- соҳибкории экологӣ;
- соҳибкории виртуалӣ”. **[2-М]**

3. Маҷмаи Умумии СММ моҳи декабри соли 2017 дар бораи татбиқи Даҳсолаи хоҷагии оилавӣ (солҳои 2019-2028) қатънома қабул кард. Даҳсола ба хотири эътирофи саҳми зиёди хоҷагии оилавӣ ба устувории кишоварзӣ ва деҳот

эълон карда шуд. Онҳо зиёда аз 80% озуқавории ҷаҳонро истеҳсол мекунанд. Хоҷагии деҳқонии оилавӣ - хоҷагии деҳқониест, ки фаъолияти меҳнатиаш ба соҳибкори оилавӣ ва дар асоси моликияти муштарак асос ёфтааст. Аммо дар қонунгузории Тоҷикистон муқаррар нашудани чунин шакли хоҷагии деҳқонӣ мушкилоти ҳуқуқиро дар пешбурди фаъолияти соҳибкории оилавӣ бавуҷуд меорад.

Аз ин рӯ, бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" аз 15 марти соли 2016, № 1289 зарур аст, ки хоҷагии деҳқонии оилавӣ ҳамчун шакли хоҷагидорӣ муқаррар карда шавад. **[4-М]**

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### 1. Монография

**[1–М]** Рофиева, А.Ҳ. Моҳияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибории оилавӣ дар Тоҷикистони муосир. Танзими ҳуқуқии соҳаҳои воқеии иқтисодиёти миллӣ: ҳолат ва дурнамо[Матн] / А.Ҳ. Рофиева / Монографияи дастаҷамъона / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Б.О. Самадов. – Хуҷанд, Ношир, 2022. – С. 162-179.

### 2. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[2–М]** Рофиева, А.Ҳ. Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ оид ба соҳибкории оилавӣ[Матн] / А.Ҳ. Рофиева // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – №4 (36). – С. 100-118. ISSN 2307-5198.

**[3–М]** Рофиева, А.Ҳ. Назария ва амалияи танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ[Матн] / А.Ҳ. Рофиева // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №2 (26). – С. 117-133. ISSN 2414 -9217.

**[4–М]** Рофиева, А.Ҳ. Ҷанбаҳои ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ [Матн] / А.Ҳ. Рофиева, Д.Ш. Сангинов // Қонунгузорӣ. – 2022. – № 4(48). – С. 56-64. ISSN 2410-2903.

### 3. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[5–М]** Рофиева, А.Ҳ. Озодии фаъолияти соҳибкории оилавӣ кафолати ҳуқуқи конститутсионии ҳуқуқи шахс[Матн] / А.Ҳ. Рофиева // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон «20 соли Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳуқуқ ва иқтисод». 11 октябри 2019 с. – Душанбе, 2019. – С . 113-116.

**[6–М]** Рофиева, А.Х. Основные принципы земельного законодательства и особенности их реализации[Текст] / А.Х. Рофиева // Республиканской научно-практической конференции на тему: «Вопрсы развития и совершенствования земелного законодательства Республики Узбекистан» Ӯзбекистон

Республикаси адлия вазирлиги, Тошкент давлат юридик институти. – Тошкент, 2019. – С. 139-143.

**[7–М]** Рофиева, А.Ҳ. Масъалаҳои таъмини ҳуқуқи занон дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн] / А.Ҳ. Рофиева // III-юмин конференсияи илми-назариявии байналмилалиии Академияи ВКД ҶТ дар мавзуи «Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» 10.12.2020. – Душанбе, 2020. – С. 282-286.

**[8–М]** Рофиева, А.Ҳ. Сайёҳӣ ва масъалаҳои такомули қонунгузории он дар Тоҷикистони муосир[Матн] / А.Ҳ. Рофиева // Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ аз 8– уми октябри соли 2020) / Зери таҳрири докторҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессорон Раҳмон Д.С. ва Сангинов Д.Ш. – Душанбе, 2020. – С. 258-264.

**[9-М]** Рофиева, А.Ҳ. Асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар рушди саноатикунонии кишвар[Матн] / А.Ҳ. Рофиева // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А. Рудакӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ” аз 14.11.2020 сол. – Кулоб, 2020. – С. 440-443.

**[10–М]** Рофиева, А.Ҳ. Хусусияти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн] / А.Ҳ. Рофиева // Форуми ҷумҳуриявии иқтисодии ДДҲБСТ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи "Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ" аз 11.12.2020. – Хучанд, ДДҲБСТ, 2020. – С. 311-315.

**[11–М]** Рофиева, А.Ҳ. Табияти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун самти соҳибкорӣ [Матн] / А.Ҳ. Рофиева // Танзими ҳуқуқии самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ» (7-уми октябри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С. 452-463.

**[12–М]** Рофиева, А.Ҳ. Асосҳои ҳуқуқи соҳибкори оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ[Матн] / А.Ҳ. Рофиева, Д.Ш. Сангинов // Проблемаҳо ва дурнамои рушди менеҷмент ва маркенти муосир дар саноати сайёҳӣ. Маҷмуаи маводи конференсияи илмӣ-амали ҷумҳуриявӣ. – Душанбе, 2021. – С. 135-137.

**[13–М]** Рофиева, А.Ҳ. Танзими ҳуқуқии рақобат ва фаъолияти инҳисорӣ дар Тоҷикистони муосир[Матн] / А.Ҳ. Рофиева, Д.Ш. Сангинов // Фаъолияти ҳуқуқэъҷодкунӣ. – 2022. – №1. – С.175-185.

ТАДЖИКИСТАНСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
ПРАВА, БИЗНЕСА И ПОЛИТИКИ

УДК: 347.61 (575.3)
ББК: 67,99 (2) 4 (2Т)
Р-79

На правах рукописи

РОФИЕВА АЗИЗА ХАМДАМОВНА

# ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ СЕМЕЙНОГО ПРЕДПРЕНИМАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**АВТОРЕФЕРАТ**

**диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.03 – Гражданское право; предпренимательское права; семейное право; международное частное право**

Душанбе – 2023

Диссертация выполнена на кафедре предпринимательского и международного права юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Сангинзод Дониёр Шомахмад** – заместитель ректора Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни по научной работе, доктор юридических наук, профессор. |
| **Официальные оппоненты:** | **Исмаилов Шавкат Махмудович** – доктор юридических наук, профессор кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права факультета управления и экономического права Таджикского государственного финансово-экономического университета. |
| | **Раупова Манзура Турсуновна** – доктор юридических наук, профессор кафедры права и сравнительного правоведения Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. |
| **Ведущее учреждение:** | **Таджикский государственный университет коммерции** |

Защита диссертации состоится «04» июля в 2023 года, в 10:00 на заседании диссертационного совета 6Д.КОА-018 при Таджикском национальном университета (734025, г. Душанбе, ул. Буни Хисорак, зал заседания диссертационного совета юридического факультета).

С диссертацией можно ознакомиться на сайте www.tnu.tj и в библиотеке Таджикского национального университета по адресу: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

Автореферат разослан «____» ___________ 2023 года.

**Ученый секретарь диссертационного совета,**
**доктор юридических наук, доцент** **А.К. Назаров**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** С момента приобретения независимости в Республике Таджикистан вопросу конституционного регулирования семьи как основной ячейки общества, защите её интересов уделяется особое внимание. Это связано с тем, что в нашей стране семья является ключевым элементом формирования общества и государства, которое имеет глубокие исторические и культурные корни. Данные ценности основываясь на конституционных положениях, сформировали самостоятельное направление государственной политики страны, в рамках которой в годы независимости Правительством страны предприняты ряд последовательных мер по обеспечению и защите интересов семьи. Указанные меры направлены на социально-экономическое развитие общества в целом и каждой семьи в частности. Задача, которую реализует Правительство страны также направлено на решение вопроса об обеспечении благополучия семей и повышения уровня жизни в условиях рыночной экономики, а именно создание на постоянной основе занятости, организацию семейного предпринимательства и их профессиональной подготовки с целью участия во всех социально-экономических сферах жизнедеятельности государства. При этом, для дальнейшей поддержки семьи с точки зрения социально-экономического роста необходимо принять ряд дополнительных мер, в частности решение вопроса о постоянной занятости членов семьи, поддержка семейного предпринимательства, повышение доходов семьи за счет интеллектуального капитала, усиление деятельности по нравственному воспитанию молодежи и повышению воспитательной функции семьи и организация курсов профессионального обучения в учреждениях общего среднего образования[1].

